ДАВЛАТОВ ЧАНД РОҲИ САРВАТМАНДШАВИРО ГУФТ с.7

ЧАРО ТЕЛЕФОН БОИСИ САРГАРДОНИИ МАРДУМ ГАШТ? с.3

ПАРВАНДАИ “ДИЛШОДИ СБ” БА СУД РАФТ с.11





# ТОҶИКИСТОН

№48 (1558)
29.11.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! ~


# ХИЗМАТИ ҲАРБӢ БО ПУЛИ БЕШТАР




## ДАР ИН ШУМОРА:


**НАҚЛИЁТИ ДУШАНБЕ**
Сабаби бетартибӣ дар ош аст ё мош? с.3

**ТОҶИКДУХТАР**
чемпиони шоҳмоти ҷаҳон с.5

**КРИШТИАНУ РОНАЛДУ**
Ситораи футболи ҷаҳон ба Тоҷикистон меояд с. 15

**ФОҶЕА ДАР ФАЙЗОБОД**
Қотил баъди 7 моҳ боздошт шуд с. 11

**ФАРБЕҲӢ**
Вакилони тоҷик аз афзоиши он нигаронӣ карданд с. 2

**КНЯЗ ИГОРИ ТОҶИК**
Муваффақияти операсарои тоҷик Сайфулло Юсуф с. 13

**СУЛФАИ КӮДАКОН**
Сабабҳои пайдоиш ва роҳҳои пешгирии он с. 12





ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фазлиддин АСОЗОДА,**
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

## PRESSA.TJ : ХАБАР МЕДИҲАД

### ДАСТУРИ ПРЕЗИДЕНТ БА СЕ НИҲОДИ ТОҶИКИСТОН

**Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи XXIII Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ иброз дошт, ки бояд дар мамлакат сафи соҳибкорзанон зиёд шавад.**

Роҳбари давлат таъкид намуд, ки занону духтарон бештар дар соҳаҳои маориф ва илм, тандурустӣ, фарҳанг ва хизматрасонии мамлакат фаъолият дошта, дар самти соҳибкорӣ низ шумораи онҳо бояд зиёд гардад.

«Вобаста ба ин, ба вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо ва Маркази миллии тестӣ супориш дода шуд, ки ҷиҳати харҷи бештар ҷалб намудани духтарон аз рӯйи ихтисосҳои идоракунии тиҷорат, маркетинг, менеҷмент, молия, бонкдорӣ, идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дигар самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ чораҷӯйӣ намоянд»,- изҳор дошт Сарвари давлат.

### НИГАРОНИИ ВАКИЛОНИ ТОҶИК АЗ АФЗОИШИ ФАРБЕҲӢ

**Вакилони Парлумони Тоҷикистон аз тамоюли афзоиши фарбеҳӣ миёни аҳолии кишвар изҳори нигаронӣ карданд.**

Тибқи маълумоти Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, тайи 10 соли охир афзоиши фарбеҳӣ дар тамоми кишварҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон зиёд ба назар мерасад. Ҳоло, тибқи маълумоти оморӣ, бемории фарбеҳӣ миёни аҳолии кишвар 11,3 дар сад буда, барои пешгирии ин раванд барномаи махсус амал мекунад.

Бояд гуфт, ки Созмони ҷаҳонии тандурустӣ фарбеҳиро ҳамчун ҳамагирии ҷаҳонӣ эълон карда, иттилоъ медиҳад, ки дар ҷаҳон ҳар сол 2,8 милион нафар бинобар доштани вазни зиёдатӣ ё худ фарбеҳӣ мефавтанд.

Тибқи маълумоти ин созмон, Тоҷикистон дар феҳристи ҷаҳонии мизони густариши фарбеҳӣ дар зинаи 128-ум қарор дорад.

### ДОНИШҶӮ АЗ ХУҶАНД РОҲХАТ БА ОЗМУНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ГИРИФТ

**Донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд дар озмуни минтақавии Осиёи Марказӣ соҳиби ҷойи аввал ва роҳхат ба озмуни байналмилалӣ гардид.**

Аз Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуроҷ иттилоъ доданд, ки озмун тариқи онлайн гузаронида шуд. Дар он шунавандагони 7 маркази Алянс Франсэз аз Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон иштирок намуданд.

"Донишҷӯи кафедраи забонҳои форсӣ ва чинии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Суруш Раҷабов дар озмуни минтақавии Осиёи Марказӣ сазовори ҷойи аввал гардид. Ӯ барои иштирок дар озмуни байналмилалӣ роҳхат гирифт",- иттилоъ дод манбаъ.

Озмуни мазкур ба мавзуи дониши фарҳанг ва таърихи Фаронса бахшида шуда буд.

Ин озмун аз тарафи Фонди Алянс Франсэз дар Париж ташкил шуда, 3 ғолиби сатҳи байналмилалӣ барои такмили дониш тобистони оянда ба Фаронса сафар менамоянд.




### ФАРРУХ ҲАСАНОВ БО ШОҲҶОИЗА БАРГАШТ

**Шоми 28-уми ноябр Фаррух Ҳасанов баъд аз пирӯзӣ дар шоу-барномаи «Ну-ка, все вместе!» дар Русия ба Душанбе баргашт.**

Дар Фурудгоҳи шаҳри Душанбе Фаррухро Хайринисо Юсуфӣ - муовини раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, Обид Назариён - муовини якуми вазири фарҳанг, Дилбар Одилзода - муовини раиси шаҳри Душанбе, волидону пайвандон ва ҳаводорони зиёд ботантана пешвоз гирифтанд.

**(Давомаш дар саҳ.4)**

## САРИ САБЗ



**Мирзоватан МИРОВ,**
**Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон:**

**- Шумори мунаққидони театрӣ кам шудаанд. Алҳол ин соҳаро танҳо Муҳаммадуллоҳи Табарӣ намояндагӣ мекунад. Пештар 10-15 мунаққиди соҳаи театр доштем. Мавҷудияти мунаққидони зиёд бо фаъолияти беғаразона барои пешрави театр кумак мекунад.**

*- Изҳори таассуф накунед, устод. Ҳоло ҳамин хел мегӯед, аммо вақте мунаққидон зиёд шуданду масалан ба интиқоди шумо даст заданд, шояд ақидаатон дигар шавад.*



**Маҳмудшоҳ КАБИРОВ,**
**табиби равоншиноси тоҷик**

**- Имрӯзҳо аз заҳролудшавии табобатҳои хурофотӣ равони мардум дар ҳолати ғайрифаъол қарор дорад. Баъди мушоҳидаи манзараи ҷилваи дониши шогирдон боварии комил пайдоям шуд, ки вақти гузаронидани чораҳои детоксикатсионии равонӣ фаро расидааст.**

*- Маънои ин назари фалсафиву чӣ хостанатонро умуман нафаҳмидем, рафиқ доктор. Вақти чораҳои равонӣ барои донишҷӯён фаро расидааст, ё умуман барои мардум?*



**Абдурозиқ АЗИЗЗОДА,**
**журналисти варзидаи телевизион**

**- Мешавад ҳолатҳое, ки барои ислоҳи камбудӣ мо доир ба мушкиле масъалагузорӣ мекунем, вале масъулин ба ҷойи ислоҳ ба журналист мечаспанд. Ин гуна ҳолатҳо, ки дар пайи худ баъзан дашному таҳқир доранд, одамро то андозае дилхунук мекунанд.**

*- Аммо, ҳастанд журналистоне, ки аз "часпидан"-и масъулон хушҳол мешаванд, чун фикр мекунанд, масъалагузориҳояшон барои ислоҳи камбудиҳо таъсир расонидааст.*

*Ба таваҷҷуҳи сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Каримзода*

# ЧАРО ТЕЛЕФОН САБАБИ САРГАРДОНИИ МАРДУМ ГАШТ?

**Чанд рӯз аст, ки шаҳрвандони Тоҷикистон барои сабти телефони худ бо рамзи имей (IMEI) саргардонанд. Ширкатҳои мобилӣ пайи ҳам смс-паёмак мефиристанд, ки бояд шаҳрвандон телефони худро фавран аз қайд гузаронанд. Ин тасмими кисту ба хотири чист, ки боиси нороҳативу саргардонии мардум шудааст?**




Яке тасмимро ба хотири пешгирӣ аз воридоти телефон тарики қочоқ мегӯяд. Дигаре ба хотири бехатарӣ арзёбӣ мекунад. Аммо назари дигаре ҷой дорад, ки барои ворид кардани телефон минбаъд боҷи гумрукӣ аз шаҳрвандон ситонида мешавад. Аҷиб, магар то ин муддат ба Тоҷикистон телефонҳо бидуни расмиёти гумрукӣ ворид мешуданд? Чаро маҳз ҳамин шабу рӯз зарурият барои ба қайд гирифтани телефон бо рамзи IMEI пайдо шудааст? Манфиатдор кист: мардум ё шахсони алоҳида?

Ҳоло шаҳрвандон намедонанд, ки кадом намуди телефонро аз қайди системаи нав гузаронанду ба кадом ниҳод муроҷиат намоянд. Ҳарчанд, мегӯянд, ки бақайдгирии рамзи имей ройгон аст, аммо системаи нави ҷоришуда аз соҳибони телефон пардохти маблағро талаб мекунад. Ҳатто шаҳрванде бо арзиши 110 сомонӣ телефон харидорӣ намудааст. Аммо барои ворид намудани рамзи IMEI ба системаи давлатии муайянсозии воситаҳои мобилии алоқаи баркӣ 171 сомонӣ талаб кардаанд. Инро чӣ гуна метавон шарҳ дод?

Минбаъд ҳангоми харидани телефон чӣ бояд кард, то мардум ба мушкил рӯ ба рӯ нашаванд?

Ҳоло ширкатҳои мобилӣ дам ба дам смс-паёмак мефиристанд, ки телефонатонро фавран аз қайд гузаронед. Вагарна, хомӯш хоҳанд кард. Охир, шаҳрванд чӣ гуноҳ дорад, ки телефонро гирифтааст, ки рамзи имей надорад ва боиси сарсонии ӯ гардад?

Аслан чунин қарор аз 1-уми октябри соли 2023 баромадааст. Аммо касоне, ки аз мағозаҳо пеш аз баромадани қарор низ телефон харидаанд, дучори ин мушкилотанд. Бисёре аз хонандагони рӯзномаи "Тоҷикистон" ба редаксия муроҷиат мекунанд ва мепурсанд, ки кӣ метавонад ба арзашон расад? Мебояд роҳҳои оддии ҳалли ин мушкилотро ёфт. Масалан, ҳангоми ворид кардани як телефон барои истифодаи шахсӣ, бояд дар даромадгоҳҳои гумрукӣ телефон ба қайд гирифта шавад ва мавриди истифода қарор гирад. Ё дар ҳолате, ки имрӯз саросари ҷумҳурӣ гирифтор аст, мебоист қаблан Хадамоти гумрук, Хадамоти алоқа, ширкатҳои мобилӣ мардумро огоҳ мекарданд, ки аз таърихи фалон (яъне як моҳ пеш) расмиёти дигаре ҷорӣ мешавад ва онро шаҳрвандон бояд риоя кунанд.

Шаҳрвандоне ба мо муроҷиат мекунанд, ки се моҳ қабл аз мағоза телефон харидаанду то имрӯз истифода мебурданд, вале ҳоло фаъолияти телефони онҳоро ширкатҳои мобилӣ қатъ мекунанд ва дастур медиҳанд, ки бираву боҷи гумрукӣ супор. Охир, айби муштарӣ дар чист? Ӯ телефонро аз мағоза харид, шахсан аз хориҷа ворид накардааст.

Хадамоти гумрук, Хадамоти алоқа, ширкатҳои мобилӣ бояд дар марказҳои хизматрасонӣ нафарони худро шинонанд ва мардум замоне, ки барои бақайдгирии телефонҳои қаблан харидаашон меоянд, бе мушкилот телефонҳои онҳоро ба қайд гиранд ва кори онҳоро осон созанд.

Шояд роҳҳои дигари ҳалли ин мушкилот вуҷуд дошта бошад, ки хадамоти зикршуда аз он кор гиранд.

# ХИЗМАТИ ҲАРБӢ БОЗ ҚИММАТ МЕШАВАД

**Хизмати алтернативӣ дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон, ки миёни мардум ҳамчун хизмати пулакӣ низ маъмул аст, аз оғози соли нав боз афзоиш хоҳад ёфт. Моҳи сентябри соли равон нархи ин навъи хизмати ҳарбӣ қариб 2 баробар зиёд шуда буд.**



Хизмати пулакӣ дар Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2024 ба андозаи 3 ҳазор сомонии дигар гаронтар хоҳад шуд.

Болоравии ҳақи хизмати пулакӣ дар ҳайати сафарбаркунӣ ба зиёд шудани ҳаҷми нишондиҳанда барои ҳисобҳо рабт дорад, ки аз аввали соли оянда 4 сомонӣ зиёд шуда, ба 72 сомонӣ баробар мегардад.

Маврид ба зикр аст, ки аз якуми сентябр арзиши хизмати пулакӣ дар Тоҷикистон 750 нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар гардид.

Ҳамин тариқ, аз аввали соли оянда нархи хизмати пулакӣ ба 54 ҳазор сомонӣ баробар хоҳад шуд, он қаблан 51 ҳазор сомонӣ буд. Ахиран дастур шуд, ки аз ҳисоби ин маблағҳо аз ҷумла фурудгоҳҳои маҳаллии Тоҷикистон, ки ба тавозуни Вазорати мудофиа гузаронида шуданд, обод карда хоҳанд шуд.

Бар асоси қонунгузории Тоҷикистон дар бораи хизмати ҳарбӣ, шаҳрвандони ҷумҳурӣ метавонанд бо пардохти маблағи муайянгардида дар ҳайати захиравӣ хизмат кунанд.

Муқаррар шудааст, ки шаҳрвандони синни даъватӣ ба таври ихтиёрӣ бо гузаштани ҷамъомади якмоҳаи ҳарбӣ ва пардохти маблағи муайян, ки андозаи онро Ҳукумати Тоҷикистон муқаррар менамояд, аз хизмати ҳарбӣ озод карда мешаванд.

Қаблан Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон гуфта буд, ки ҷорӣ гардидани намуди нави хизмати ҳарбӣ дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ, дар навбати аввал, барои ба шаҳрвандони синни даъват омӯзонидани асосҳои умумии хизмати ҳарбӣ ва ба ҳайати захираҳои сафарбарӣ ворид кардани онҳо равона шудааст.

*Мавқеъ*



Ёқуб ҲАЛИМОВ, рӯзноманигор

## БЕТАРТИБӢ ДАР НАҚЛИЁТИ ҶАМЪИЯТӢ

*Айб дар ош аст ё дар мош?*

**"РАЗБОР"-И ДОХИЛИ НАҚЛИЁТИ ҶАМЪИЯТӢ ЗОҲИРАН АЗ БАҲСНОКТАРИН МАВЗУҲО БАРОИ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ АСТ.**

Ҳафтае нест, ки касе аз сахт ё оҳиста рондан, аз зиёд таваққуф кардану мусофири бисёр гирифтан, дағаливу ҳақорати ё ронанда ва ё пулчинаки нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе шикоят накунад. Солҳост ин кашокаш ҷо дорад ва солҳост, ки фаъолияти нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе ба танзим намедарояд. Иллат чист? Айб дар мош (мусофир) аст ё дар ош (ронанда)?

Яке аз имтиёзҳои касби ман (рӯзноманигорӣ) - ин сафар кардан ба шаҳру кишварҳои гуногун аст. Бо баҳонаи иштирок дар нишасту конфронсҳо ва барномаҳои омӯзишӣ даҳҳо шаҳри мухталифро дидам ва равнақу тараққии онҳоро бо Душанбе қиёс кардам. Душанбе хубиҳои зиёд дорад ва мутаассифона, нохубиҳо ҳам. Яке аз нохубиҳояш ҳамин нақлиёти ҷамъиятиаш аст.

Биёед нақлиёти ҷамъиятии Душанберо бо нақлиёти ҷамъиятии Алмаатои Қазоқистон муқоиса кунам. Ман имсол ҳудуди ду моҳ дар Алмаато қарор доштам ва пайваста аз автобусҳояш истифода мекардам. Аксари автобусҳои Алмаато нав ва покиза ҳастанд. Пардохтҳо ҳам нақдӣ, ҳам тариқи корт ва ҳам онлайнӣ ба роҳ монда шудааст. Автобусҳо қатъиян дар истгоҳ меистанд ва ҳамин ки мусофирон берун шуданду мусофирони дар истгоҳ буда нишастанд, автобус ҳаракат мекунад. Агар 15-20 қадам дур будед, лоилоҷ бояд мунтазири автобуси навбатӣ шавед. Борҳо шоҳид шудам, ки мусофирони бечора то дами дари автобус медавиданд ва дар пешорӯяшон пӯшида мешуд.

Чӣ қадр бераҳмона, на?! Вале назму тартибот ҳамин аст, барои ҷорӣ кардани назму тартиб гоҳо бояд бераҳму бегузашт буд.

(Давомаш дар саҳ.5)

# ФАРРУХ ҲАСАНОВ БО ШОҲҶОИЗА БАРГАШТ

(Аввалаш дар саҳ.2)

Фаррух Ҳасанов дар бузургтарин озмуни мусиқавии Русия “Ну-ка, все вместе!” миёни садҳо беҳтарин овозхонон ғолибият ба даст овард.

Овозхони ҷавони тоҷик бо касби 98 овоз аз 100 узви доварон дар мавсими панҷуми озмуни овозхонии “Ну-ка, все вместе!” ғалаба ба даст овард ва 5 миллион рубл ҷоизаи асосии ин озмунро гирифт.

Овозхони ҷавони тоҷик Фаррух Ҳасанов ба даври финалии озмуни телевизионии “Ну-ка, все вместе!”, ки соли панҷум аст дар шабакаи телевизионии “Россия 1” пахш мешавад, роҳ ёфт. Маҳорати овозхонии Фаррух Ҳасановро аз 100 узви ҳакамони ин озмун 97 нафар писандиданд.



Мавсими панҷуми озмуни “Ну-ка, все вместе!” 8-уми сентябри соли 2023 оғоз ёфта буд. Қоидаи озмуни мазкур чунин аст, ки як сарояндаро 100 нафар аъзои ҳакамон, ки ҳама ҳунармандони саршиносанд, гӯш мекунанд ва дар сурати писандидани иҷрои сароянда ӯро ҷонибдорӣ мекунанд. Ҳар як ҳаками озмун имкони ба довталаб додани як балро дорад. Дар даври гузаштаи озмун Фаррух Ҳасанов 94 овоз гирифта буд. Имсол дар озмуни мазкур сарояндаи тоҷик Зафар Абдуалимов ҳам дар ҳайати ҳакамон қарор дошт, вале мувофиқи шарту талаботи озмун зимни иштироки намояндаи Тоҷикистон ӯ курсии ҳакамиро тарк намуд, зеро Фаррух Ҳасанов шогирдаш аст.

Ёдовар мешавем, ки Фаррух Ҳасанов 20-уми июли соли 1998 дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Ғолибият дар сабқати телевизионии “Ну-ка, все вместе!” шонси ӯро барои фатҳи саҳнаҳои бузурги ҷаҳонӣ зиёд мекунад.

Дар даври ниҳоии озмуни «Ну-ка, все вместе!», ки санаи 24-уми ноябр дар Русия доир гардид, ҳамватани мо Фаррух Ҳасанов бо иҷрои таронаи “Talking To The Moon” аз эҷодиёти сарояндаи амрикоӣ Бруно Марс пирӯз гашта, ҷоизаи озмун ва панҷ миллион рублро ба даст овард.

Ба ҳунари волои сарояндагии Фаррух овозхонҳои машҳури Русия, аз ҷумла Филип Киркоров, Николай Басков, Сергей Лазарев ва дигарон баҳои баланд доданд.

Фаррух Ҳасанов дар маросими ҷоизагирӣ иброз дошт, ки ин дастоварди худро ба Ватанаш мебахшад.

«Ман бо ин дастоварди бори дигар исбот намудам, ки мардуми тоҷик дар ҳақиқат соҳиби фарҳангу маърифати баланд ва маҳорату истеъдоди хоса мебошанд»,- гуфт ӯ.



# ТОҶИКДУХТАР ЧЕМПИОНИ ШОҲМОТИ ҶАҲОН

**Афрӯза Ҳамдамоваи 14-сола, зодаи ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё нахустин духтар дар таърихи Ӯзбекистон шуд, ки унвони чемпиони шоҳмоти ҷаҳонро ба даст овард.**

Роҳи Афрӯза ба чемпионати ҷаҳонии шоҳмот душвор буд. Ӯ сари вакт натавонист виза ба даст биёварад, ҳамин аст, ки дар сабқати аввалаш расида натавонист. Бинобар ин, доварон ба ӯ бохти фаннӣ навиштанд. Вале ин тоҷикдухтар баъдан дар 9 рақобати навбатӣ ба харифонаш дастболо шуд. Ёдовар мешавем, ки сабқати мазкур байни духтарони шоҳмотбози синнашон то 14-сола дар шаҳри Монтесилванои Италия баргузор шуд.

Афрӯза Хамдамова 25-уми феврали соли 2009 дар ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарёи Ӯзбекистон, ки аксари аҳолии онро тоҷикон ташкил медиҳанд, ба дунё омадааст. Оилаи онҳо баъдан ба Самарқанд мекӯчад. Падари Афрӯза - Акбар муаллими шоҳмот буда, бародараш Сиёвуш низ чемпиони шоҳмоти ҷаҳон аст.

# БАРРАСИИ ДУРУСТ ФАҲМОНИДАНИ КОРЕЯ ДАР КИТОБҲОИ ДАРСИИ ТОҶИКИСТОН







**22-юми ноябри соли равон бо ташаббуси Сафорати Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон таҳти унвони “Дуруст фаҳмонидани Корея дар китобҳои дарсии Тоҷикистон” семинар доир гардид.**

Дар ин чорабинӣ Сафири Ҷумҳурии Корея дар Тоҷикистон Квон Донгсок, ноиби директори Институти кореяшиносӣ Лимм Чигюн, сардори раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон Фаррух Худойдодзода, муаллифони китобҳои дарсии ҷомеашиносӣ ва масъулони нашриётҳои Тоҷикистон, инчунин, намояндагони Институти кореяшиносӣ, Донишгоҳи давлатии таҳсилоти Чунчон ва Институти таълимӣ ва арзёбии Корея ширкат намуданд.

Квон Донгсок, Сафири Ҷумҳурии Корея дар Тоҷикистон зимни суханронии худ иброз дошт, ки муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Корея 27-уми апрели соли 1992 барқарор карда шудаанд ва ҳамкориҳои мутақобилан судмандро дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод, муҳоҷират ва махсусан маориф ба роҳ мондаанд.

“Имрӯз мо дар самти нашри китобҳои дарсӣ бо Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ҳамкории зич дорем. Аз соли 2013 инҷониб Институти кореяшиносӣ ҳамкории хубро бо Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ ва нашриёти “Маориф”-и вазорат ҷиҳати дуруст фаҳмонидани Корея дар китобҳои дарсии география ва таърих пеш бурда истодааст. Умедворем, ки ҳамкориҳои илмию таълимӣ, баргузории чорабиниҳои муштарак ва эҷоди барномаҳои нави таълимӣ натиҷаҳои назаррас ба бор меоранд”,- қайд кард Сафир.

Дар идома иштирокдорон вобаста ба муаррифии Институти кореяшиносӣ ва лоиҳаи дуруст фаҳмонидани Корея, низоми маориф ва китобҳои дарсии Тоҷикистону Корея, ҳолати кунунӣ ва дурнамои рушди маводи таълимӣ ва омӯзишии Корея баромад намуданд.

Ҳамзамон, дар семинар вазъи кунунии Корея дар китобҳои дарсии таърих ва географияи Тоҷикистон ва нақшаҳои минбаъда ва такмили он мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

*Хушхабар*

# НАҚЛИЁТИ ҶАМЪИЯТӢ БАРОИ КӮДАКОН РОЙГОН ШУД



**Парлумон ва Президенти кишвар тағйироту илова ба Кодекси нақлиёти автомобилии ҷумҳуриро, ки аз ҷумла интиқоли кӯдаконро танзим мекунад, тасвиб карданд.**

Мусофирон дар Тоҷикистон ҳақ доранд кӯдаки то 7-соларо бидуни харидани чиптаи иловагӣ дар нақлиёти ҷамъиятӣ дар роҳҳои шаҳр, наздишаҳрӣ, шаҳрак ва деҳот ройгон интиқол диҳанд.

Тағйирот ба Кодекси нақлиёти Тоҷикистон дар ҳарду палатаи парлумони кишвар ба тасвиб расид.

Инчунин, бо назардошти тағйирот, як мусофир метавонад дар нақлиёти ҷамъиятӣ ду кӯдаки синнашон аз 7 то 10-соларо дар роҳҳои шаҳрӣ, наздишаҳрӣ, шаҳрак ва деҳот бо пардохти на бештар аз 50%-и арзиши роҳкиро бо пешниҳоди ҷойи алоҳида интиқол диҳад.

Қаблан танҳо кӯдакони то 5-сола метавонистанд дар нақлиёти ҷамъиятӣ ройгон савор шаванд. Дар робита ба талаби пардохти роҳкиро барои кӯдакон дар нақлиёти ҷамъиятӣ гоҳе ҷанҷол ба миён меомад ва ё шикояте мерасид, ки ронандагон ба сабаби напардохтани роҳкиро кӯдаконро намегузоранд баъд аз дарс ба нақлиёт савор шуда, ба хонаҳояшон бираванд.

Дар Тоҷикистон ҳангоми сафар тавассути ҳавопаймо барои кӯдакони аз 2 то 12-сола 50 дарсад тахфиф пешбинӣ гардидааст. Барои кӯдакони то 2-сола бошад, парвоз тавассути ҳавопаймо ройгон мебошад.

Ҳамчунин, барои кӯдакони аз 5 то 10-сола ҳангоми сафар бо қатора 45 дарсад тахфиф пешбинӣ шудааст.

Мушкили дигари нақлиёти ҷамъиятӣ, ки то ҳанӯз роҳи ҳалли худро наёфтааст, роҳкиро мебошад. Бо сабаби боло рафтани қимати маводи сӯхт он бетағйир мондааст.

Вазири нақлиёти Тоҷикистон Азим Иброҳим дар нишасти матбуотии нимсола сабаби бетағйир мондани қимати роҳкирои нақлиёти ҷамъиятиро дар ҳоле, ки қимати маводи сӯхт коҳиш ёфтааст, шарҳ дода буд. Ба гуфтаи вай, фоидаи кормандони нақлиёти мусофирбар ҳамагӣ 10-15 фоизро ташкил медиҳад.

*Мушкилот*

# БЕТАРТИБӢ ДАР НАҚЛИЁТИ ҶАМЪИЯТӢ

**(Аввалаш дар саҳ.3)**

Дар пойтахтҳо ва шаҳрҳои бузурги кишварҳои Осиёи Марказӣ (ба истиснои Туркманистон, ки онҷоро надидаам) нақлиёти ҷамъиятӣ назму тартиб дорад.

Акнун ҳолати нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанберо баррасӣ кунем: автобусу троллейбусу спринтерҳо ба қавле "дар любой ҷо" меистанд, илло дар истгоҳ. Графикаи муайяни рафтуомад надоранд ва ронандаву пулчинакҳояшон "шоҳу вазиранд". Сар аз дару тиреза берун кардани пулчинак ва "Корвон"-у "Саховат", "Садбарг"-у "Қароболо" фарёд кардани онҳо падидаи бад ва нестандарчаҳон аст, ки Душанберо ба як рустои ақибмонда шабеҳ мекунад.

Дохили як "спринтер" агар 30 мусофир савор бошад, якду нафар ғаму андух дорад, ду-се нафар мушкили молӣ дорад, ду-се каси дигар дар ғами нону об аст, иддаи дигар даргири мушкилиҳои иҷтимоии дигар, касе хобашро нагирифтааст, нафари дигар ба коре/коргохе/мулокоти муҳиме шитоб дорад.

Дар чунин вазъият ронанда суруди ё Зафарча, ё Бобораҷаб ва ё овозхони номгуми дигарро баланд мондаву парвои одаму олам надорад ва ҳар дам салони спринтерро аз оина нигоҳ мекунад, ки чанд ҷои рост истодан боқӣ мондааст. Дид ки салон холӣ ё нимахолӣ аст, бо суръати 10 км/дар соат ҳаракат мекунад ва ҳамин ки салон пур шуд, бо суръати 60/70 км/соат. Аҳволи автобусҳо аз спринтер бадтар.

Ду хати сайре, ки камо беш танзим доранд - автобусҳои 3 ва 8 ҳастанд, ки инҳо ҳам "пеш аз светафору баъди светафор, пеш аз гардишу баъди гардиш" меистанду мусофир мегиранду мусофир мефароранд.

Дар чунин шароит бисёре аз мусофирон ҷон ба лаб мерасанд, вале ҷуръат намекунанд садо баланд созанд. Агар касе пайдо шуд, ки эътироз кунад, аз як сӯ ҳамлаву дашноми ронандаву пулчинак, аз сӯи дигар хомӯшию бепарвоии мусофирони боқимонда эътирозгарро шармсор ва дар араҷ тар мекунад.

Табиист, ки касеро оҳиста рондан, каси дигарро тез рондан ба хашм меорад. Он чизе, ки мусофирон меҳоҳанд ва мутаассифона наметавонанд, дуруст баён кунанд - назму эътидол аст.

Яъне, мусофири бечора наметавонад бигӯяд, ки ман эътидол ва назм меҳоҳам. Эътидол - на бо суръат ва на оҳиста ҳаракат кардан. Назм - аз меъёр зиёд мусофир нагирифтан, ҳар ҷойи мувофику номувофиқ ист накардан, танҳо дар истгоҳҳо истодан ва он ҳам зиёд наистодан.

Мақомоти шаҳри Душанбе натавонистанд, ки ин назму эътидолро ҷорӣ кунанд. Ҳаваскорона як замоне рейду санҷиш барпо шуд ва ҳанӯз назму тартиб ҷорӣ ношуда, рейду санҷишҳо ба поён расиданд ва мусофирон мондаанду ронандаҳои саркашу бетамиз.

Албатта, мусофирон низ дар навбати худ айбдор ҳастанд, ки қоидаҳои оддии истифодаи нақлиёти ҷамъиятиро риоя намекунанд, вале агар ронандаҳо, ки ақалият ҳастанд, ба назму тартиб дароянд, мусофирон низ ба чаҳорчӯба ворид мешаванд.

*Ҳамоиш*



# ҶАЛАСАИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ДАР ДУШАНБЕ

**Дар шаҳри Душанбе ҷаласаи муштараки гурӯҳи корӣ оид ба идоракунии ҳамаҷонибаи захираҳои об ва гурӯҳи кории ҳамоҳангсоз оид ба татбиқи Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар ҷаласа масъалаҳои марбут ба ислоҳоти соҳаи об, аз ҷумла лоиҳаи такмилёфтаи Стратегияи миллии оби Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, сохтори дастурии механизми ҳамоҳангсозии соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаи Консепсия оид ба воридсозии ҷорабиниҳои нақшаҳои ҳавзавии идоракунии захираҳои об ба барномаҳои рушди шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Намояндагони вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикони рушд, бахши хусусӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор дар ҷаласа иштирок намуданд.

*Фарҳанг*

# “ҶАШН ДАР ВАҚТИ ВАБО”

**Нахустнамоиши “Ҷашн дар вақти вабо” аз ҷониби Театри давлатии русии ба номи Владимир Маяковский ба хотири 225-солагии адиби маъруфи рус Александр Сергеевич Пушкин ба саҳна гузошта шуд.**



Ин намоишнома аз ҷониби саркоргардони театр Хуршед Мустафоев ба саҳна гузошта шудааст. Асар соли 1832 эҷод шуда, жанри он фоҷеа мебошад. Асари хурд аз як саҳна иборат буда, мавзӯи он ба замоне, ки Русияро вабо фаро гирифтааст, рабт дорад.

Соли равон аз ҷониби кормандони Театри давлатии русии ба номи Владимир Маяковский 4 намоишнома пешкаши тамошобинон гардонида шуд, ки ҳамаи онҳо аз тарафи мухлисони театр ба хубӣ истиқбол гардиданд.

*Робита*

# ФЕСТИВАЛИ ФИЛМҲОИ ФАРОНСАВӢ ДАР ДУШАНБЕ

**27-уми ноябр дар шаҳри Душанбе Фестивали шашуми филмҳои фаронсавӣ оғоз шуд ва қарор аст то 1-уми декабр идома ёбад.**

Ин фестивал ҳамасола аз ҷониби Сафорати Фаронса аз соати 17:30 дар ошёнаи якуми бинои «Диёри Душанбе» пешкаши тамошобинони тоҷик ва меҳмонони пойтахт гардонида мешавад.

Дар ин фестивал филми бадеии «La Chèvre» (Бетолеъон) аз муаллиф Фрэнсис Вебер (1981) ва инчунин филмҳои тасвирию саргузаштии “Идома”, “Фоҷиа” , “Сафари шоҳзода” ба намоиш гузошта шуданд.

Ҳамаи намоишҳо бо забони фаронсавӣ ва зернависҳо бо забони русӣ пешкаши тамошобин гардид.

*Навгонӣ*

# ВАЗОРАТИ МОЛИЯ ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ КУШОД

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тақвият бахшидани низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар раванди хизматрасонии муздноки давлатӣ, ки татбиқи он тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми июни соли 2023 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» амалӣ мешавад, барои қабули таклифу пешниҳод бо нишонии peshnihod@moliya.tj почтаи электрониро фаъол намуд.

Бо мақсади бартараф намудани мушкилиҳое, ки дар ин раванд ҷой доранд, мардум дигар метавонанд таклифу хоҳишҳояшонро ба суроғаи электронӣ ирсол намоянд.

*Тозанашр*

# КАСБИЯТ, САДОҚАТ ВА ҶАСОРАТИ ЖУРНАЛИСТ




**Китоби 5-уми журналист Далер Абдулло таҳти унвони «Касбият, садоқат, ҷасорат» аз чоп баромад. Ин китоб махсули заҳмати 2- солаи муаллиф буда, дар жанрҳои гуногун таълиф ёфтааст.**

Муаллиф дар пешгуфтори китоб менависад: "Бисту як сол аст, ки дар соҳаи журналистика заҳмат кашида, ба сифати афсари содиқи идеологӣ бо қалам аз сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва армонҳои мардуми тоҷик пуштибонӣ мекунам. Дар муқобили онҳое, ки бо Давлату Ҳукумати Тоҷикистон душманӣ меварзанд, мубориза мебарам. Дар ин раванд касбият, садоқат ва ҷасорат бароям авлавият ва меҳвару ҷавҳар буда, номгузории китоби панҷуми ман рамзу ҳикмат дорад".

**Муаллиф дар идома моҳияти китоби хешро дар 3 бахш чунин шарҳ додааст:**

**КАСБИЯТ.** Бо дарки масъулият мегӯям, ки бидуни он соҳибони шудани журналист комилан ғайриимкон аст. Маҳз касбияти баланд замина фароҳам меорад, ки омӯзиши амиқи масъала ва таҳлилу муқоисаи мавзуъ ва оияндабинӣ мадди назари журналист бошад.

**САДОҚАТ.** Дар шароити кунунӣ вазифаи муҳимтарин ва асосии ҳар яки мо сахмгузор будан бахри ҳифзи истиқлоли давлатист. Ин рисолати таърихиро аз рӯзҳои аввали давлатсозиву давлатдорӣ, замоне ки аксарияти арзишҳои милливу давлатиро фурӯхтанд, ба оияндаи неки кишвар бовар надоштанд, аз умури давлатдорӣ худро канор гирифтанд, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самимона, ҷасурона ва фарзандвор ба зимма гирифтанд. Ҳоло вазифаи ҷонӣ, рисолати инсонӣ ва қарзи виҷдонии мо аст, ки дар паҳлуи ин Абармарди дунёи сиёсат бошем...

**ҶАСОРАТ.** Вақте журналист ба садоқату масъулият нигоҳи хос дорад, вижагиҳо ва таъсири онҳоро ба ҷомеа амиқ дарк месозад ва аз ҳамин мавкеъ ба дифои арзишҳои миллӣ ва давлатӣ бармехезад, зиндагиро дар ҷабҳаи мубориза барои расидан ба хайр ва аз байн бардоштани шарр сарф менамояд, он гоҳ ҷасораташ сутуданист.

Барои ба маърaз гузоштани ҷасорат иродаи шикастнопазир, азм ва нияти нек бояд дошт, муҳаббат ба халқу Ватан бояд дар мағз андар мағзи ҷон ҷойгузин бошад...

Ёдовар мешавем, ки Далери Абдулло яке аз журналистони муваффақи кишвар буда, феълан ба ҳайси муовини сармуҳаррири рӯзномаи "Садои мардум" кор мекунад. Ӯ барандаи Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи А. Лоҳутӣ мебошад. Ӯ ҳамчунин муаллифи китобҳои "Родмарде дар масири сиёсат", "Нигаҳбони роҳи ҳаёт", "Нахли ҳақиқатбор" ва "Тағйирнопазир" мебошад. "Касбият, садоқат, ҷасорат" китоби панҷуми Далери Абдулло мебошад. Қиёси касбият, арҷгузории садоқат, ситоиши ҷасорат ва қазовати мазмуну муҳтавои китоби мавриди назар аз хонандагони закӣ аст. Ин китоби муаллиф дар озмуни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар номинатсияи публитсистика "Китоби сол" эътироф гардид.

*Ифтихор*

# ПАРЧАМ РАМЗИ ИТТИҲОДУ ЯГОНАГӢ АСТ

**Парчами давлатӣ яке аз рамзҳои муҳими истиқлоли миллӣ ва давлатдории муосири мо мебошад. Он ҳамчун таҷассумгари асосҳои давлат ва рамзҳои давлатдории гузаштаи тоҷикон, ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуву ормонҳои тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад.**



Баробари ба истиқлол расидани Тоҷикистон дар радифи масоили дигар зарурати таҳияву қабули рамзҳои давлатӣ яъне, Нишони давлатӣ, Парчами давлатӣ ва Суруди миллӣ пеш омад, ки дар онҳо ба таври рамзӣ моҳияту мазмуни фаъолият ва таъиноти давлат, шакли сохтори давлатӣ, марому мақсади давлат ва равандҳои асосии сиёсати давлат ифода ёфтааст.

Маҳз дар иҷлосияи XVI-уми Шӯрои олӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шуд ва бо ҳамин кишвари мо соҳиби яке аз рамзҳои асосии давлати соҳибистиқлол гардид.

Матни нави тарҳи Парчами давлатии Тоҷикистон дар низомномаи зикршуда ба шакли зерин муайян карда шуд: Парчами давлатии Тоҷикистон матои росткунҷаест, ки аз се рахи рангаи уфуқӣ иборат аст: рахи боло ранги сурх дошта, паҳнои он ба рахи поёнии сабз баробар мебошад ва рахи сафеди мобайнӣ якуним баробари паҳнои ҳар яке аз рахҳои ранга аст. Дар рӯи рахи сафед, дар мобайни Парчам бо зарҳал тоҷ ва болои он ба ҳафт ситора дар шакли нимдоира тасвир шудааст.

Ранги сурх дар парчами мо – ин рамзи мубориза ва ҷоннисориҳои халқ дар роҳи озодӣ ва истиқлол, ранги сафед – рамзи покӣ, озодагӣ, роҳи сафед ва бахту иқболи нек, ранги сабз – рамзи ҳаёт, сарсабзиву хуррамӣ, созандагиву бунёдкорӣ мебошад. Дар парчам инчунин тасвири тоҷ ва ҳафт ситора ҷой дода шудааст: Тоҷ рамзи шукӯҳу шаҳомат, рамзи давлат, соҳибдавлатӣ ва истиқлолият аст.

Ҳафт ситора низ рамзи нек буда, рақами ҳафт дар асотир, ҳикмат, оину суннати мо рақами муқаддас, рамзи бахту саодат аст. Таснифи намунавии Парчами давлатӣ ин аст, ки он рамзи Истиқлолияти давлатӣ, иттиҳоди вайроннашавандаи коргару деҳқон ва зиёиён, дӯстиву бародарии ҳамаи миллатҳои сокини ҷумҳурӣ мебошад. Тоҷ дар Парчами давлатии Тоҷикистон нишон аз соҳибдавлатӣ ва мустақилият, ҳафт ситора ишора ба ҳафт иқлими ҷаҳон, ҳафт бародарон, ҳафт қабати осмон мебошад ва ранги сурх рамзи мубориза ва ҷоннисориҳои халқ дар роҳи озодӣ ва истиқлолият ва ранги сафед рамзи бахту иқболи сафед, нияти неки халқ ва ранги сабз рамзи саъю кӯшиш ва заҳмати халқ бахри сарсабзиву хуррамии кишвар аст.

Дар арафаи ҷашни 20-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон 30-юми августи соли 2011 дар паҳлӯи чапи Қасри миллат дар баробари Нишони давлатӣ баландтарин Парчами Тоҷикистон барафрохта шуд, ки бо бузургиву ҳашамати худ назир надорад.

Баландии сутуни парчам 165 метр буда, дар ҷаҳон яке аз баландтаринҳост. Дарозӣ ё паҳнои худи парчам 60 метр ва бараш 30 метрро ташкил мекунад ва аз лиҳози баландии сутун ва бузургии парчам он ба китоби рекордҳои Гинес ворид карда шудааст.

**Зӯҳро АБДУЛОВА,**
**мудири муассисаи таълимии томактабии №15-и ноҳияи И.Сомонӣ**

*Ҳама чиз дар бораи IT*



*Муаллифи гӯша:*
**Максим ШУМСКИХ,**
Директори генералии ширкати байналмилалии IT «Матадор»
**Аз ҳама ҷолиб дар Telegram:**
t.me/matador_it

# ҚАЛЛОБОН ДАР ИНТЕРНЕТ: «МАКОНИ ЗИСТ»-И ОНҲО

**Дар замони иттилооти рақамӣ интернет ба ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти мо табдил меёбад. Аммо, дар баробари бароҳатӣ ва имкониятҳои он, таҳдиди қаллобон пайдо мешавад ва афзоиш меёбад. Қаллобӣ дар интернет барои қаллобон хеле фоидаовар шудааст ва аксар вақт беҷазо мемонад.**

Қаллобон дар интернет муҳитҳои гуногун доранд, ки дар он ҷо онҳо амалҳои «заҳролуд»-и худро анҷом медиҳанд. Инак, баъзеи онҳо:

### ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ

Қаллобон почтаи электрониро барои фиристодани спам, мактубҳои фишингӣ ва замимаҳои зараровар истифода мебаранд. Онҳо метавонанд кӯшиш намоянд, ки почтаи корбарро шикананд ё номаҳои худро зери пӯшиши огоҳиномаи расмии бонкҳо ё созмонҳои дигар пинҳон доранд.

### ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ

Ҳамлагарон профилҳои қалбакӣ эҷод мекунанд ё аккаунтҳои корбарони вокеиро мешикананд, то ба маълумоти шахсии онҳо дастрасӣ пайдо кунанд ва ё шахсияти онҳоро бо мақсадҳои қаллобӣ истифода баранд. Онҳо инчунин метавонанд тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ маҳсулот ё хидматҳои қалбакӣ пешниҳод кунанд.



### ОНЛАЙН-МАҒОЗАҲО

Ҳамлагарон мағозаҳои қалбакии онлайнӣ таҳия мекунанд, маҳсулотро бо нархҳои ҷолиб пешниҳод месозанд ё пешниҳодоти беназирро ваъда медиҳанд. Аммо пас аз гирифтани пардохт онҳо метавонанд ғайб зананд ё ба муштарӣ маҳсулоти пастсифат ва ё тамоман дигар фиристанд.

### ПЛАТФОРМАҲОИ МОЛИЯВӢ

Қаллобон барои анҷом додани амалиёти худ аз платформаҳои гуногуни молиявӣ истифода мебаранд, аз ҷумла схемаҳои сармоягузории қалбакӣ, қаллобӣ бо криптовалюта ва онлайн-сахмияи сохта.

### ОНЛАЙН-МУЗОЯДАҲО

Платформаҳои музоядаи онлайнӣ метавонанд бо истифода аз аккаунтҳои қалбакии худ пешниҳодот гузоранд ва манфиат ба даст оранд. Пас аз гирифтани пардохт онҳо маҳсулотро намефиристанд ё ашёи пастсифат мефиристанд.

Барои муҳофизат кардани худ аз қаллобон, шумо бояд огоҳ ва эҳтиёткор бошед. Бояд маълумотро тавассути тафтиши номҳои доменҳо ва суроғаҳои почтаи электронии ирсолкунандагон санҷед, маълумоти шахсӣ ё маълумоти молиявиро ба шахсони бегона ё сомонаҳои тасдиқнашуда пешниҳод накунед ва аз пешниҳодот ё дархостҳои шубҳанок хушёр бошед.

Интернет имкониятҳои бузург медиҳад, аммо шумо бояд эҳтиёт бошед, ки қурбонии қаллобон нашавед. Истифодаи оқилонаи интернет ва андешидани ҷораҳои эҳтиётӣ ба мо кумак мекунад, ки маълумоти шахсӣ ва моли худро бехатар нигоҳ дорем.

# ЧАНД ШАРТИ САРВАТМАНДШАВӢ

## Мусоҳиба бо соҳибкори шинохта Саидмурод Давлатов



Дар подкасти «Маърифати молиявӣ» соҳибкори шинохтаи тоҷик Саидмурод Давлатов оид ба роҳҳои раҳоӣ аз камбағалӣ, танзими даромаду хароҷот, нигоҳ доштани нафсу чӣ гуна тавоно шудан аз рӯйи таҷрибаи худ суҳбат кард. Фишурдаи суҳбат пешниҳоди хонандагон мегардад.

**- Рӯз аз рӯз нархи маҳсулот, хизматрасонӣ гарон мешавад. Мушоҳида мекунем, ки бархе мардум талаботи худро дар зиндагӣ қонеъ карда наметавонанд. Ба назари шумо, чӣ кор кунанд, ки зиндагии шоиста дошта бошанд?**

- Имрӯз чанд омил воқеияти зиндагӣ шудааст.

**Якум**, рӯз аз рӯз зиндагӣ мушкил мешавад. Мисол, агар бо 100 сомонӣ дар соли 2000-ум хостаи дили худро мехаридед, ҳоло чунин нест. Боз 10 сол пас арзиши ҳаёт гаронтар мешавад.

**Дуюм**, инсон 8 соат кор мекунаду даромад мегирад. Аммо 24 соат хароҷот дорад. Хобед ё бедор, дар хона обу барқ истифода мешавад. Барои хондани фарзандатон маблағ харҷ мекунед. Тасаввур кунед, ки 8 сомонӣ даромад доред у 24 сомонӣ хароҷот.

**Сеюм**, рӯз аз рӯз шумораи одамони қарздор зиёд мешаванд. Ҷамъият ҳамин гуна идома меёбад. Пас аз 20 сол боз одамони қарзор зиёд мешаванд. Мушоҳидаҳо бозгӯи онанд, ки нисбат ба соли 2000-ум ҳоло теъдоди қарздорон бештаранд. Фарқ надорад, ки беморед ё хоҳиши кор кардан надоред, хароҷот ҳамеша ҷой дорад. Ҳеҷ кас кафолат намедиҳад, ки даромад мегиред, вале кафолати хароҷот ҳаст. Дарку фаҳмиши молиявиро дигар бояд кард.

**Чорум**, мактабро хатм мекунед, соҳиби дипломи касб мешавед. Аз солҳои 70-ум то 2000-ум кафолат буд, ки бори зиндагиро пеш бурда метавонед. Яъне, маълумоти олӣ кафолати пеш бурдани зиндагиро дошт. Аммо ҳоло чунин нест. Бароятон маълумоти олӣ кафолат намедиҳад, ки зиндагии шоистаро созед. Онҳое, ки маълумоти олӣ доранд, зиёданд. Ё муваффақ шуда наметавонанд ё кори арзанда ёфта наметавонанд. Даромаде, ки мегиранд, он чӣ дар зиндагӣ мехоҳанд, амалӣ карда наметавонанд.

**Панҷум**, шахсони дорои илму маърифат бештаранд. Аммо, азбаски фаҳмиши молиявӣ камтар доранд, илмашонро дуруст истифода бурда наметавонанд. Дар дунёе, ки мо зиндагӣ мекунем, олим будану ҳунарманд кам, тавонову доно кам, агар ҳамон ҳунарро ба пул табдил додан натавонӣ. Идора кардани пул яке аз касбҳои асосӣ шудааст. Ҳатто, ин ба синну сол ҳам вобаста нест. Аз синни хурдсолӣ аллакай бояд фаҳмиши молиявӣ пайдо карда, ба пул чӣ гуна муносибат карданро омӯзем.

**- Дар урфият мегӯянд, ки "сарфаи сари оташдон беҳ аз савдогари Ҳиндустон". То кучо сарфакорӣ, роҳ надодан ба исрофкорӣ дар оила муҳим аст?**

- Кор кардани пул ҳунар аст. Пасандоз ё нигоҳ доштани пул истеъдод аст. Идора кардани пул санъат аст. Аз ҳама санъати мураккаб идора кардани пул аст. Зеро андак хато кардед, ба ботлоки қарз ғӯтта мезанед. Муфлис мешавед ва заҳмати 20-30-соларо бой медиҳед. Руҳафтодаву ноумед мешавед. Умратон бо ғаму ғурбат мегузарад. Ниҳоят, бо ҳамин худро мешиканед.

**- Пас, чӣ бояд кард, ки ба чунин ҳол гирифтор нашуд?**

- Фаҳмишро дигар бояд кард. Дар мардуми мо инро фаросат мегӯянд. То фаҳмишу нуқтаи назар дигар нашавад, на пулро кор карда метавонед ва на идораи онро.

**- Дар бораи буҷети оила зиёд мегӯянд. Аз кадом ҷиҳат он муҳим аст?**

- Агар инсон хондану навиштанро ёд нагирад, дар шароити имрӯз зиндагии дуруст карда наметавонад. Тасаввур кунед, ки фарзанди шумо навиштану хонда натавонад, чӣ қадар ҳаёташ мушкил мегузарад. Илми молиявӣ ҳам чунин аст. Сарфи назар аз он ки духтур хастед ё муаллим, муҳандис ё дорои касби дигар, бояд маърифати молиявӣ дошта бошед. Бе илми молиявӣ пеш рафтан хеле мушкил аст. Агар боғбон ё чӯпонед, бояд илми молиявӣ дошта бошед. Ҳар касе бошед, ҳар рӯз маҷбуред, ки бо пул сарукор гиред. Нон мехаред, пули истифодаи барқ месупоред, хароҷоти роҳ доред... Бароятон қобили қабул ҳаст ё не, ин далел аст. Яъне, ба ин одат бояд кунед ва ба нақша гирифтани даромаду хароҷотро танзим намоед.

**- Умуман, дар оила чӣ гуна бояд хароҷот кард ва зиндагии шоиста дошт?**

**- Аввал**, фикронии худро дигар бояд кард. Агар дар фаҳмиш фақат норасоӣ, яъне бепулӣ, камбағалӣ, мушкили зиндагӣ ва дигар фикрҳои нолозим бошанд, инсон муваффақ намешавад. Ба чунин тоифаи инсонҳо миллион доллар ҳам диҳед, боз дар ҳамон сатҳи пасти зиндагӣ қарор мегиранд. Чунки фундаменти майнаи сар карахту қолабӣ шуда мондааст. Яъне, он чӣ дар майнаи сари одам ҳаст, ҳосил ҳамон мебарояд. Ба дасти дилхоҳ одами камбағал 10 ҳазор доллар ҳам диҳед, фикр мекунед, ки 100 ҳазор доллар мекунад? 99 фоизаш ин корро карда наметавонад. Бинобар ин, инсон бояд аввал зеҳнро дигар кунад. Кор кардани пулро набояд ҳавас кард. Кор кардани пул осон аст. Фаҳмишро дигар кардан душвор аст. Зеро мушкил аст, ки одам худро ислоҳ кунаду дигар шавад. Баъзе одамони дурӯғ мегӯянду фиреб медиҳанд. Инро худашон хуб медонанд. Ҳазор маротиба шунидааанду аз китоб хондаанд, ки дурӯғгӯй торикии имон аст. Аммо боз ҳамон амалашонро идома медиҳанд. Баъзеҳо бадҷаҳланду забони тунд доранд, сабр надоранд, ғурурашон баланд аст. Бо андак гап оташ мегиранду боз пушаймон мешаванд. Аз таҷриба дидам, ки дигар кардани шахсияти инсон мушкил аст. Зеро, аз соли 2009-ум инҷониб дарсҳои молиявӣ медиҳам, нав мардум қабул кардану гӯш карданро ёд гирифта истодаанд. Имрӯз ҷамъият дигар шуда истодааст ва мо бояд фаҳмиши худро иваз намоем.

**Дуюм**, гирифтани илми молиявӣ. Вақте ки нуқтаи назар дигар шуд, одам ба илм ҳавас пайдо мекунад. Нақшаи хароҷот тартиб медиҳад ва ба кучо сарф кардани пулро медонад. Яъне, аввал хароҷоти заруририро рӯйхат мекунад. Зимнан, хароҷот ҳам ду шакл мешавад: аз рӯйи хоҳиш ва зарурӣ. Хатои онҳое, ки қарздор мешаванд, маошро мегиранду ба қисмати аввали хароҷот бештар сарф мекунанд. Вақте ки пули иловагӣ монд, сипас аз пайи хостаҳо шавед.

**Сеюм**, баъд аз тақсими хароҷот нақшаи даромадро созед. Агар хароҷот дар як моҳ 2 ҳазор сомонӣ бошад, нақшаи даромадро ба 4-5 ҳазор сомонӣ тартиб диҳед. Агар диққат карда, аз паси мақсад равед, ҳамон чиз амалӣ мешавад. Албатта, дар як рӯз не, зина ба зина, сол ба сол иҷро мешавад.

**- Чӣ хел ин корҳо амалӣ мешаванд?**

- Инсон бояд омӯзад. Дар бозор кадом ҳунарҳо талабот доранду манбаи даромад, омӯзаду талош варзад. Яъне, ҳунару истеъдоди ба талаботи имрӯза ҷавобгӯро бояд ёд гирифт. Бе ҷашму бе по таваллуд шудан - ин тақдиру насиб аст. Аммо беҳунарӣ насиб нест. Ҳунарро наомӯхтан ба тақдир дахл надорад. Сарнавишти ҳар инсон дар дасти худаш аст. Вақте ки дар Русия будам, 6 моҳ мардикорӣ кардам. Фаҳмидам, ки бо ин кор зиндагии худро дигар карда наметавонам. Орзуҳое, ки дорам, амалӣ карда наметавонам. Бинобар ин, аз пайи нақшаву мақсадҳои воқеӣ шудам.

**- Аз нигоҳи шумо, кадом категорияи одамон муваффақ шуда метавонанд?**

- Чор гурӯҳи одамон ҳастанд.

**Якум**, ба он андешаанд, ки пасандози пул зарур нест. Фикр мекунанд, ки ризқро Худованд медиҳаду худ меояд.

**Дуюм**, мефаҳманд, ки пасандоз кардан даркор аст. Зеро зиндагӣ яксон нест. Гоҳ пастиву гоҳ баландӣ дорад. Аммо, азбаски хароҷот дар зиндагӣ зиёд аст, пасандоз карда наметавонанд. Мисол, як нафар кор мекунаду 5-7 касро мехӯронад. Яъне, даромадро зиёд карда наметавонанд.

**Сеюм**, пулро ҷамъ мекунанд ва дар муддати кӯтоҳ ҳамаашро харҷ: тӯй мекунанд, мошину либосҳои нав мехаранд, мебели хонаро иваз мекунанд... Боз ҷамъ мекунанду ҳамин гуна харҷ. Ин тафаккури камбағалӣ аст. Дар зиндагиашон андак дигаргунӣ мешавад, аммо мушкили даромад ҳал намешавад.

**- Чорум**, онҳое, ки пулро кор мекунанду саришта карда метавонанд. Дилашон мекашад, ки мошин гиранд, айшу ишрат кунанд, аммо ҳунари не гуфтаву ба ин иҷозат надоданро доранд. Ҳамон одаме пулдор шуда метавонад, ки ба нафсаш ғалаба кунад. Ҳаваскор набошад. Мушкили одамон дар он аст, ки меҳоҳанд аз дигарон беҳтар зиндагӣ кунанду худнамоӣ ва тақлид кунанд. Дар зиндагӣ онҳое муваффақ мешаванд, ки пул кор кардану идора ва мақсаднок истифода карданро метавонанд. Вақте ки пул даромад оварад, баъд инсон бояд аз пайи орзуҳояш шаваду дар зиндагӣ хароҷот кунад.

**- Баъзеҳо бо қарз зиндагии худро пеш мебаранд. Магар ин дуруст аст?**

- Ин нодуруст ва фикри хом аст. Ягон вақт бо қарз зиндагӣ накунед. Бо даромади худ зиндагӣ карданро ёд гиред. Ин ниҳоят зарур аст. Шояд бо қарз дар хонаи шумо телевизор, мебелу либосҳои нав пайдо шуданд ё зодрӯзатонро нағз ҷашн гирифтед. Аммо роҳеро, ки шуморо ба сарватмандӣ мебурд, як ё ду сол ақиб кашидед.

**- Кӣ хароҷоти оиларо бояд танзим кунад?**

- Ин корро бояд падар анҷом диҳад. Аммо хазина бояд ба дасти модар бошад. Ба шарте, ки модар малакаи истифодаи пулро донаду барбодкор набошад.

**Мусоҳиб:**
**Усмон РАҲИМЗОДА**

# АСРОРИ ПОЛКОВНИК АСЛОНОВ

... Донишҷӯёни соли панҷуми факултаи таърих у филологияи тоҷики университет бо як шӯру мағал дарси охиринро, ки лексия аз таърихи адабиёт буд ва онро профессор Шарифҷон Ҳусейнзода мегузашт, аз дари аудитория берун шуданд. Чун дар вақти дарси устод пашша ҳам ба пар задан ҳақ надошту вале дар рагҳои донишҷӯён хуни ҷавонӣ дар ҷӯш буд, онҳо мехостанд ҳарчи зудтар мисли кӯдакони мактабӣ ба шӯру мағали ҳамешагии худ идома диҳанд.



Ин дам нафаре аз кормандони шуъбаи кадрҳои донишгоҳ садо кард:

- Аслонов, ба назди мудири шуъбаи кадрҳои университет рав, туро он ҷо даъват кардаанд...

Ғайрат раҳорахҳ фикр мекард, ки шуъбаи кадрҳо ба вай чӣ кор дорад? Ё ягон ҳуҷҷаташ нодуруст будаасту ислоҳ кардан мехоҳанд? Бо ҳамин андешаҳо ӯ дари дафтари шуъбаро боз кард ва дар он ба ғайр аз мудир боз мардеро дид, ки аз вачоҳаташ меҳмон буданаш аниқ буд. Баробари салом дода даромадани Ғайрат, мудир ӯро бо меҳмон танҳо гузошта, аз кабинет берун шуд ва мард худро шинос кард:

- Қобилҷон Саъдиев, корманди КГБ...

... Пас аз ин, суҳбати онҳо дар мавзуҳои гуногун идома ёфт ва дар охир корманди амният аз Ғайрат пурсид:

- Бо мо кор кардан мехоҳӣ?

Пас аз лаҳзае андеша Ғайрат бо дили пур ҷавоб дод:

- Албатта, агар лоиқ донед...

Ӯ, ки ҷавони донишдору ҳамафаҳм буд, аллакай дар бораи ин сохторе, ки амнияти кишвару давлати шӯравиро кафил буд, бисёр чизҳоро медонист. Дар хотимаи суҳбат Саъдиев аз Ғайрат хоҳиш намуд, ки суҳбати онҳоро махфӣ нигоҳ дорад. Ин аввалин супорише буд, ки корманди ояндаи амният аз ин сохтор гирифт ва ин ҳам нахустин рӯзе буд, ки ба зиндагии донишҷӯи курси охири Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин Ғайрат Аслонов тағйироти куллӣ ворид гардид...

... Тӯли хизмати минбаъда, вақте ки ӯ борҳо бо марги яқин рӯ ба рӯ мешуд, ин лаҳзаҳоро пеши чашм оварда, худ ба худ мегуфт: "Супориш супориш аст ва онро ҳатман бояд иҷро кард...".

Полковник Ғайрат Аслонов дар шаҳри бостонии Истаравшан (Ӯротеппаи собиқ), дар оилаи марде таваллуд шудааст, ки худ дар мудофиаи Ватан саҳмгузор буд. Роҳи падар ба майдони ҷанг соли 1943 оғоз гардида, ӯ на танҳо дар озодии Берлин ширкат намуд, балки танҳо баъд аз торумо р намудани милитаристони Ҷопон ба Ватан баргашт. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки дар интихоби роҳи минбаъдаи ҳаёт барои Ғайрати ҷавон нақши падар низ бузург буд...

... Пас аз як соли хатми донишгоҳ ва кор дар КМ ЛКСМ Тоҷикистон (Созмони коммунистии ҷавонон) Аслоновро барои таҳсил ба курсҳои семоҳаи ГРУ даъват намуданд. Дар вақти омӯзиш, ки дар як ҷангали атрофи Маскав баргузор мешуд, ӯро ба назди сардори курс даъват намуданду гуфтанд, ки зуд ба Душанбе баргардад. "Чароашро дар ҳамон ҷо мефаҳмед...".

Маълум шуд, ки минбаъд Ғайрат бояд дар мактаби олии КГБ дар шаҳри Минск таҳсил намояд. Ғайрат пас аз ворид шудан ба кабинети Саъдиев, нафаре, ки бори аввал ӯро дар донишгоҳ барои кор ба КГБ даъват намуда буд, бо ҳамкурси ояндаи худ ва дӯсти якумрааш Давлат Мамдризобекови бадахшонӣ (генерал Давлат Мамадризобеков, собиқ муовини роҳбари КДАМ) рӯ ба рӯ шуд, ки ӯро ҳам барои таҳсил ба Минск мефиристоданд. Онҳо пас аз муваффақона супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ донишҷӯи ин мактаби махсус гардиданд. Пас аз хатми донишкадаи мазкур онҳоро ба вилояти Бадахшон ба кор фиристоданд ва фаъолияти меҳнатии худро ин ду корманди ҷавони КГБ аз ҳамон ҷо оғоз карда буданд...

Бояд икрор шавам, ман бекориро дӯст намедорам ва махсусан вақте ки ҳанӯз ҷавонию хунат дар ҷӯш аст,- мегӯяд полковник Аслонов.- Вақте ки маро аз Хоруғ ба Қалъаи Хумб гузарониданд, ба назарам чунин намуд, ки дар ин ҷо ба ҷуз кор бо архиву коғазбозӣ дигар коре нест. Барои ҳамин, ба номи раиси ҳамонвақтаи КГБ республика М. Милютин ариза навиштам, ки маро ё дар "кори ҳақиқӣ" истифода баред ва ё агар лозим набошам, аз кор ҷавоб диҳед".

Ин буд, ки пас аз муддате ӯро ба Душанбе даъват карданд ва минбаъд дар баробари кор дар ин ҷо, боз ба ҳайси муовини котиби партиявии шуъбаи 2-юми КГБ ҷумҳурӣ интихоб намуданд.

Таҳсили дубораи Ғайрат Аслонов вақте сурат гирифт, ки соли 1969 КГБ барои омода намудани мутахассисони дорои маълумоти баланди оперативӣ дар ҳудуди душман ва гузаронидани амалиётҳои махсус курсҳои ниҳоят махфӣ (особо секретно) (КУОС) дар Балашихаи Русия боз намуд ва яке аз курсантҳои аввалини он майор Ғайрат Аслонов шуд. Оид ба мавҷудияти ин курсҳо на танҳо шаҳрвандони оддӣ, балки аксари кулли кормандони КГБ низ маълумот надоштанд. Дар инҷо муҳассилин тайёрии махсуси ҷисмонӣ, корҳои тарконандагӣ, тактикаи махсуси ҷангӣ, ҷанг дар шароити кӯҳистон, ҷаҳидан бо парашют, топография ва тарзи ҷанги партизаниро меомӯхтанд.

Барои омӯзиш ба ин курс, тавре мутахассисон мегӯфтанд, танҳо онҳоеро равон мекарданд, ки аз ҳолати руҳиашон сар карда, то саломатиашон ҷавобгӯй ба талабот бошанд. Албатта, ҳамаи ин омодагӣ барои ҳолати махсус (час "Х") буд, ки он ҳам дере нагузашта барои Ғайрат ва ҳамсабақонаш фаро расид...

... Моҳи октябри соли 1979 майор Ғайрат Аслонов ва боз чанд танро аз собиқ ҳамкурсонаш, ки дар курсҳои Балашиха якҷо таҳсил намуда буданд, ба Афғонистон, ки он ҷо инқилоби Савр ба амал омада буд, равон карданд. Танҳо баъди ба Кобул расидан Ғайрат фаҳмид, ки онҳо бояд дар ин ҷо чӣ кор кунанд ва ӯро чун тарҷумон ва мушовиру ҷондор (телохранител)-и роҳбари резидентураи КГБ СССР дар Кобул генерал Борис Иванов таъин карданд. Маълум шуд, ки гурӯҳи навташкили "Зенит" бояд роҳбари онвақтаи Афғонистон Ҳафизулло Аминро бартараф карда, ба ҷои вай Бабрак Кормалро роҳбар монад. Ин супоришро Политбюрои КПСС дода буд, зеро гӯё Амин ҷонибдори амрикоиҳо шуданӣ будааст. "Аммо пас аз барканории Амин мо ягон ҳуҷҷате ва ё далели дигаре наёфтем, ки Амин рӯ ба Амрико оварда бошад...",- мегӯяд Ғайрат Аслонов. Пас, ин кори Шӯравӣ ҳам мисли он аст, ки Амрико бо баҳонаи доштани яроқи ҳастаӣ ба Ироқ ҳуҷум карда, Саддомро кушту баъдан ягон нишонае аз ин яроқ пайдо накард...

Аслонов ва ҳамяроқонашро пас аз ин амалиёт, моҳи январ аз ҳудуди Афғонистон бароварданд ва ӯ ҳанӯз намедонист, ки ин охирин сафари ӯ ба ин кишвар нест...

Пас аз ним сол, тобистони соли 1980 Ғайратро чун кумандони гурӯҳи тоҷикии "Каскад" - як гурӯҳи навташкили КГБ дар Афғонистон ба ин кишвар равон карданд...

Боре ҳангоми суҳбат аз акаи Ғайрат пурсидам, ки магар ба Афғонистон ворид шудани кувваҳои Шӯравӣ зарурат дошт? Ӯ ҷавоб дод, ки "аксари он кормандоне, ки вазъи Афғонистонро медонистанд, мегуфтанд, ки ин кори хатост. Ҳатто генерал Иванов низ мухолиф буд, вале роҳбарияти ҳизбӣ инро ба назар нагирифт ва оқибат ҷанг дар Афғонистон яке аз сабабҳои пош хӯрдани Шӯравӣ гардид...".

... Дар тӯли фаъолияти кории худ Ғайрат Аслонов роҳи ҳалли бисёр мушкилот ва саркушода намудани бисёр бумбастҳоро омӯхт. Хиёнатро ҳам диду адолату вафодор будан ба қасами ҳарбиро ҳам. Дӯстони ҷониро ҳам дар вақти мушкил дарёфту душманони оштинопазирро ҳам ба дӯст табдил дода тавонист. Нисбати зиндагиномаи ин марди далер метавон соатҳо суҳбат карду навишт, ки дар ҳаҷми як мақола имкони иҷрои чунин мақсад ғайриимкон аст. Танҳо ҳаминро хотиррасон мекунем, ки полковник Аслонов дар бунёди КДАМ - сохтори бехатарии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон низ фаъолона ширкат намуда, аз нафақа, ки соли 1988 баромада буд, бо даъвати аввалин раиси КДАМ - Саидамир Зуҳуров ба кор баргашт ва як муддат дар вазифаҳои гуногун фаъолият намуда, баъд аз ташкили Мактаби КДАМ, ки маҳз бо ташаббуси ӯ ва роҳбарияти КДАМ ба фаъолият оғоз намуд, боз ба истироҳат баргашту ҳоло ба маънои томаш давлати пирӣ меронад. Ӯро доим дар ҳалқаи набераю аберагони хушбахташ мебинед, ки ифтихор аз бобои номдори худ мекунанд. Сирри ин хушбахтиро, ки новобаста ба синну солаш, дар чеҳраи ӯ аён аст, аз худаш мепурсам. Ана ҷавоби ӯ:

- Қабл аз ҳама, инсонҳоро бояд дӯст дошт...

... Ин ҷо мо танҳо дар мавриди инсонияти ӯ ва печутоби зиндагии пурмуҳтавояш чанд лаҳзаеро аз ҳаёти разведкачии касбӣ овардем ва меҳоҳем, ки мақолаи мазкурро бо суханони дӯсти беҳтаринаш - генерал Давлат Мамадризобеков хотима диҳем: "Полковник Ғайрат Аслонов профессионалест, ки ватанаш ва зиндагиро воқеан ҳам дӯст медорад"...

**А. АҲМАДЗОДА,**
**махсус барои "Тоҷикистон"**

## АФҒОНИСТОН ДАР СИЯҲҶОЛ АСТ...

**Баъди бештар аз ду соли ҳокимият дар Афғонистон, "Толибон ҳамоне боқӣ мондаанд, ки дар солҳои 1990 буданд". Ин нукта дар ҳамоиши "Гуфтугӯҳои амнияти Ҳирот" дар Душанбе садо дод.**

Дар 11-умин нишасти "Гуфтугӯҳои амнияти Ҳирот", ки рӯзҳои 27-28 ноябр дар Душанбе ҷараён гирифт, ҳудуди 150 коршинос, аз дохил ва хориҷ, ҳамчунин коршиносони байналмилалӣ ҳузур доранд.

Доктор Эстар Зубирӣ, раҳбари гурӯҳи таҳлилии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба Ал-Қоида ва Толибон гуфт, Толибон ба ваъдаи худ дар мавриди мубориза бо гурӯҳҳои террористӣ содиқ намондаанд.

Ба назари бархе таҳлилгарон, пас аз оғози ҷанг дар Украина ва акнун низоъ дар Ғазза, таваҷҷӯҳ ба Афғонистон ба маротиб коҳиш ёфтааст. Ба гуфтаи онҳо, дар ин муддат мардуми Афғонистон бо мушкилоти худ, ки аз сӯи гурӯҳи Толибон эҷод шудааст, танҳо мондааст.

Назифи Шаҳронӣ, профессори Донишгоҳи Индианаи Амрико дар сӯҳбат ба Радиои Озодӣ гуфт, то ҳол як барномаи миллие, ки роҳи ҳалли қазияи Афғонистонро фаро гирад, вуҷуд надорад.

"Афғонистон... дар як сиёҳчол аст. На танҳо сиёҳчоли амниятӣ, балки иқтисодӣ, сиёсӣ. Тафовуте ҳам наёмада. Толибонро, албатта, таҳаммулашон бештар шудааст ба ҷаҳон, аммо таҳаммулашон бо мардумашон ҳанӯз ҳам сифр аст. Ҳеҷ алоқамандие бо мардуми худ надоранд. Онҳо фикр мекунанд, ки намояндагони Худо ҳастанд (наузанбулилоҳ) ва ҳарчи ки хостанд, бояд дигарон қабул бикунанд. Аммо ҷаҳон ҳам то ҳанӯз фикр накунам, ки фикри ҳалли мушкили Афғонистонро дар назар дошта бошад"- гуфт Назифи Шаҳронӣ.

Муҳаммад Исмоилхон, яке аз чеҳраҳои шинохтаи Афғонистон, ки соли гузашта ба ин ҳамоиш даъват шуда, аммо ҳузур пайдо накарда буд, имсол ба Душанбе омад. Ӯ мегӯяд, Толибон на танҳо дигар нашудаанд, балки сахтгиртар шудаанд:

Ин нишаст аз сӯи Маркази мутолиоти Афғонистон ва минтақа ва Институти мутолиоти стратегии Афғонистон баргузор шудааст. Барои ширкат дар он Толибон ҳам даъват шуданд, вале наомаданд.

# МОДАРИ КУЛЛИ ЗИЁИЁНИ КӮЛОБ

## ё вақте муҳаббат самимист

**“Иллати тирагии зиндагӣ ин аст: Фардоро онҳое сохтанд, ки имрӯз дар зарфи ифтихори мо ҷойи шоиста надоранд”.**

*(Аз таъзиянома барои А. Бунин)*



Қироати китоб, ки Парвардигору офаридагори мо бо ин амал инсонро аз аҷносу амволи воқеӣ сохта, ақлу заковат дод, аслан маҷбурӣ (дар мактаб), барои кайфият (қироати девони Ҳофиз), барои маҳви вақт (дар беморӣ, интизорӣ, хастаҳолӣ), аз набудани тамоми анвои аҷноси дилхушӣ (синамо, телевизион, интернет) рух мезанад.

Бо амри супориши маъмурият ба қабули ношир, яке аз бунёдгузорони Иттифоқи журналистони даврони Истиқлол Искандар Носиров рафтам. Дар бинои Сирки давлатӣ, дар утоқи саисхонаи филҳо идорае, ё бо ибораи насли солҳои навадум “Офис” дошт. Коргаронаш гуфтанд, ки Искандар пас аз чанд дақиқа ҳозир мешавад. Интизорироман фақат бо қироат сарфи назар аз жанру мухтавои китоб паси сар мекунам. Аз рафи китобҳои қабулгоҳи Искандар китоби “Вақте муҳаббат самимист”-ро гирифтам. Зеро дигар китобҳо дарсию дастурӣ буданд. Интихоби дигар набуд. Китобро варақ задам. То омадани Искандар 50 саҳифаашро хондам. Бори аввал публисистикаи фармоишии тақвимии сатҳи олиро мутолиа мекунам. Китоб ба 90-солагии Омӯзгори шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Соҷида Аккалаева бахшида шудааст. Имрӯз нашри хотираҳо, ёдномаҳои тақвимӣ, китобҳои шуҳратзинасоз, таблиғотгароии сохта аз саршумори инсонҳо бештар аст. Ва ин бо ибораи падари бузургворам “партовгоҳ”-и адабиёт аст. Дар сӣ соли охир замоне, ки садои тиру бухрони иқтисодӣ хомӯш шуд, шуҳратноманависӣ авҷ гирифт. Ва он ба муосибиқаи азими кишвар дар самти китобнашркунӣ табдил ёфт. Ҳар кас талош мекард, ки бузургтару ғафстар китобро нашр кунад. Албатта дар ин мусобиқа устод Ҳошим Гадо истисно аст. Устод Ҳошим Гадо “Фабрика - Инкубатори истеъдоди зулқарнайн” аст. Ман борҳо гуфта будам, ки агар саноати мо, соҳаи кашоварзии кишвар бо усули Ҳошим Гадо кор мекард, биҳишти заминиро медидем. Ҷунбиши шуҳратсозии оммавӣ то ҳаде расид, ки дар як ноҳияе “Донишномаи ҳоҷиёни ноҳия”-ро навишта, нашр карданд. Магар адои фарзи мусулмонӣ қаҳрамонӣ аст?

Банда низ дар ин марафони истеъдодкуш ба хайси муалиф, муҳаррир ширкат доштам. Аз ин хотир, ба ин гуна асарҳои ҷевонпуркун нафрат доштам.

Бори аввал ин китоб маро куллан ба олами дигар андешаҳо бурд. Аз Искандар китобро ба муваққат пурсидам.

- Не, ака. Ин шумораи шартию ишоравӣ аст. Ман бе иҷозаи муаллиф дода наметавонам. Фақат дар ин ҷо хондан мумкин аст.

Мисли солҳои донишҷӯӣ, гӯё дар китобхона бошам, то поси шаб китобро хондам. Ва ман нахустин бор дар ин китоб “маҳалликунонӣ”, “минтақагароӣ” ва авлоду аҷдодтавсифкунӣ, аз далелҳо сохтани дурӯғро наёфтам. Ва китоб аз иғроқ,тавсифи содалавҳона, тасвирҳои дурӯғпоя орӣ аст. Мураттиб ва муаллифи қариб ҳамаи новеллаҳо Лолаи Мирзо ягон бор худро адиб, журналист ва ё публисист нагуфта, бо навиштаҳояш публисист ва нависанда буданашро исбот кардааст. “Ҳусни хат”-и Раҷаби Мирзо низ дар хонданибоб шудани китоб нақш гузоштааст. Ман сидқан ба хеле афсӯс, дер Лолаи Мирзоро чун журналист ва публисисти маъруф пайдо кардам. Дар бораи бузургони миллати мо бояд чунин публисистон асар эҷод кунанд. Дар навиштаҳо ва новеллаҳои Лолаи Мирзо, ба қавли амакам Шодмон Пулодӣ (ёдаш ба хайр), “хишти дурӯғ” нест.

Барои ман тарҷумаи ҳол ва шуҳрати ин оила бегона набуд. Бори аввал дар бораи муаллимаи шуҳратёр соли 1985 дар шаҳри Кобули Афғонистон шунида будам. Моҳи июни соли 1985 ба ҳайси тарҷумон дар гурӯҳи мушовирони КМ ВЛКСМ-и Иттиҳоди Шӯравӣ кор мекардам. Ҳар ҳафта бо устодон Искандари Хатлонӣ, Тоҳири Абдуҷаббор ва Мамадҷон Гулҷонов (ҳар се дар Академияи улуми сиёсии КМ ҲҲДА чун устоду тарҷумон кор мекарданд) дидорбинӣ ва нишаст доштем. Банда баъди ду рӯз ба рухсатӣ ба Тоҷикистон сафар доштам. Устод Искандар аз ман хоҳиш карданд, ки барои амакам, бастакор Шодмон Пулодӣ 5 фита “Афғонмузик”




ва як баста дарунаш 5 ручкаю қалам ва як китоби ёддошт барои муаллимааш ба шаҳри Кӯлоб бояд ба дасти муаллима Соҷида Аккалаева, муалимаи Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб расад. Вале азбаски он вақт роҳи байни Кӯлобу Хоруғ набуд, хоҳиш карданд, ки савғотиро ба шахсе бо номи Султон, коргари Раёсати троллейбусҳои шаҳри Душанбе расонам. Он кас савғотиро ба муаллимааш Соҷида Аккалаева мерасонад. Баъдан Искандар дар бозгашт нақл кард, ки Соҷида Аккалаева “модари кулли зиёиёни вилояти Кӯлоб аст”.

Бори дуюм ҳамроҳи ҳунарманди равоншод Амирҳайдар Давлатов, Бобоҷон Адбудвоҳидов, бо супориши Котибони якуми вилояти Кӯлоб ва ВМКБ Султон Мирзошоев ва Соҳибназар Бекназаров (ёдашон ба хайр) ба пешвози Рӯзҳои фарҳанги вилояти Кӯлоб дар ВМКБ ва ҳафтаи фарҳанги ВМКБ дар вилояти Кӯлоб моҳи августи соли 1989 шумораҳои муштараки газетаҳои “Роҳи Ленинӣ” ва “Бадахшони Советӣ” таҳия ва нашр кардем. Дар он шумора иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дорандаи 6 ордену медали ҷангӣ Мирзо Бекматов баромад карда буд. Ва ду рӯз ӯ ҳайати моро сарпарастӣ намуд.

Бори сеюм баҳори соли 2003 собиқ раиси вилояти Суғд, мухтарам Қосимҷон Қосимов (ҳоло Қосимҷон Раҳбар) чанд лоиҳа ва барномаҳои самти ваҳдати минтиқаҳоро таҳия ва малӣ намуд. Аз ҷумла, мулоқоту сафари эҷодкорони вилоятҳои Суғду ВМКБ ба вилояти Хатлонро сарпарастӣ кард. Ҳамзамон, мухтарам Қосим Раҳбар аз ман хоҳиш карданд, ки бо яке аз дӯстони падарашон, собиқ ҳамкори Раҳбар Қосимов, собиқ Котиби якуми кумитаи ҳизбии вилояти Кӯлоб Мирзо Бекматов суҳбат кунам. Он вақт мухтарам Мирзо Бекматов раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати минтиқаи Кӯлоб буданд. Пас аз чанд тадбирҳои меҳмондорӣ ва расмӣ мухтарам Мирзо Бекматов моро ба хонааш даъват кард. Бо роҳбаладии мо нависанда ва журналист Неъматулло Худойбахш ва журналисти хуҷандӣ Аюбҷон Кенҷаев ба хонаи размандаи се чабха - Мирзо Бекматов рафтем. Меҳмондорӣ ва дастурхонороии оила низ рамзи авруосиёӣ буд. Бо иборае дастурхони ин хонадон “интернатсионалӣ” буда, ба намоиши тамоми таомҳои кишвар шабоҳат дошт. Тибқи нақша бояд ду соат суҳбат мекардем. Аммо суҳбати мо ду рӯз тӯл кашид. Муаллимаи азиз Соҷида Аккалаева ва Мирзо Бекматов ҳайкал, рамз ва нишони оиладории ориёӣ ва авруосиёӣ буданд. Афсӯс, он вақт мо бо модари меҳрубон Соҷида Аккалаева чун соҳибхоназан ва меҳмондор бархӯрд намудем. Бори охир ин ҷуфти Худонозарро дар шаҳри Хуҷанд дида будам. Собиқ раиси вилоят мухтарам Қосимҷон Раҳбар онҳоро дар тарабхонаи маъруфи “Сирдарё” зиёфат дода буд. Рӯзи дигар онҳо ба ноҳияи Ҷаббор Расулов (Пролетари собиқ) назди наберахояшон рафта буданд...

Асари публисистии “Вақте муҳаббат самимист” китоби дарсии оиладорӣ аст. Ин васоити таълимӣ, алифбои волидоншиносӣ, дастурномаи дарки масъулияти шаҳрвандӣ ва таъмини нафси маънавии инсонҳо аст. Ва болотар аз ин, асар китоби дарсии журналистикаи иҷтимоии муосир аст. Дар он намунаи беҳтарини лавҳаҳо, гузоришҳо, очерк, номанигорӣ, чеҳранигорӣ, нидои ҳасрати ботинӣ, аз омору далел сохтани симо дарҷ ёфтаанд.

Ва Раҷаб Мирзо ба ҳайси муҳаррир аз “миёнакорӣ” даст кашидааст. Раҷаб ё аъло таҳрир мекунад ё умуман намекунад. Ман бори дигар муътақид шудам, ки чӣ қадар чеҳраҳои абардаврӣ хуфтаю гумном, симоҳои инсоновару муъҷизакор аз диди таърихӯ назари мардум дур афтодаанд. Маҳз дар як даҳаи аз онҳо фаромӯш кардаи солҳои 1991, 1998 чӣ қадар аз зиндагии шоиста ва пешрафт қафо мондем.

Боз як арзиши беназири китобро ёдрас мекунам. Дар асар интиқоли меҳру садоқати самимӣ ба ватану аҷдод, миллат аз насл ба насл хеле ҷолиб, бо далелҳои муътамад иншо шудааст. Ҷун анъанаи манфии эҷодӣ, одатан дар чунин асарҳои сердалелу қаҳрамонҳои маъруф “бадахшоникунонӣ,” “хатлоникунонӣ”, “суғдикунонӣ” ва “рашткунонӣ” эҳсос намешавад. Тасвиру далелҳои сохта ва наҳзании даврро дар ин китоб пайдо накардам. Беҳтарин тафсири “тоҷиккунонӣ”-и муосир махсуб мешавад. Алифбои ваҳдат ва “тоҷиккунонии сартосарӣ” хоҳад буд. Он чизе, ки ишколи вазнин бар пойи миллат аст.

Дар зиндагии ин ду дилдодаи зиндагии пурмоҷарову шиканҷамеҳвар хислату равони кӯлобӣ, помирию раштию суғдиро бараъло мушоҳида кардем. Ва онҳо тавонистанд ин ормони миллатдӯстиро ба урдуи наберагону аберагон тадрис кунанд.

Мирзо Бекматов, Соҷида Аккалаева ба қавли машҳатиён (машҳадӣ) “моли миллатанд”. Бо онҳо фахр мекунем, аммо фахр танҳо зарраи ноҷизи хештаншиносӣ аст. Дар баробари фахр бояд зиндагиномаи томи онҳоро дастраси наслҳои баъдӣ намоем. Барои ин 500 нусха ёднома хеле кам аст. Баъзан афсӯсу дареғҳоии мо ба ҳашму ғазаб табдил меёбад. Дар хориҷи кишвар дар давру замонҳо аз сардори колонияи ноболиғони душвортарбия, мураббии маҳбусони ноболиғ бузургтарин омӯзгор сохтанд. Аз зани садақаҷӯӣ Худованди хайру сахо тарошиданд, аз бунёдгузори маводи тарканда падару сарпарсти илми дунё эълон намуданд. Кай мо бузургсозию инсоншиносии воқеиро ёд мегирем?

Бидуни тавсиф ва таҳнияти верoстор ва тадвингари китоб, ношири маъруф Искандар Носиров ба андешаҳоям нуқта наҳоҳам гузошт. Дар омади сухан, Искандари Зулқарнайни матбуотро барои ширкат дар ҳамоишиноширони “Чин ва Осиёи Марказӣ” шодбош гуфта, зикр кардаием, ки маҳз чунин кори хайри нашри китоби “Вақте муҳаббат самимист” барори кор овардааст. (Зеро замоне чун китоби маро нашр кард, даҳ гурӯҳ муфаттишон ба аёдати ӯ омада буданд).

**Наҷмиддин ШОҲИНБОД,
узви Иттифоқи нависандагон,
котиби масъули Иттифоқи
журналистони Тоҷикистон**

ФУТЗАЛ

# «ИСТИҚЛОЛ» ҒОЛИБИ СУПЕРЛИГАИ ТОҶИКИСТОН-2023 ШУД



**25-уми ноябр дар шаҳри Душанбе бозиҳои Суперлигаи футзали Тоҷикистон-2023 ба анҷом расиданд. Дастаи «Истиқлол» дар бозии панҷуми силсилаи ниҳоӣ бар тими «Соро компания» бо ҳисоби 3:2 пирӯз шуда, аввалин бор дар таърихи худ чемпиони Тоҷикистон шуд. Дастаро ба ин муваффақият мутахассиси гурҷӣ Александр Дзабирадзе расонд.**

Мувофиқи низомнома, ду дастаи чойи аввали мусобиқа дар силсилабозиҳои финалӣ рақобат карданд. Дастае, ки 3 пирӯзӣ ба даст меовард, ғолиб дониста мешуд. Дар чор бозии аввал ҳар даста ду пирӯзӣ ба даст оварданд. Дар бозии охир дастаи «Истиқлол» тавонист пирӯз шавад.

Арстанбек Турсунов - бозигари «Истиқлол» дар дақиқаи 10-ум ҳисобро боз кард. Панҷ дақиқа пеш аз анҷоми қисми аввал Бахтиёр Солиев таносубро барқарор сохт. Мухлисон баъди танаффус шоҳиди боз се голи дигар гаштанд. Дар дақиқаи 24-ум Шавкат Ҳалимов «Истиқлол»-ро ба пеш баровард. Дар дақиқаҳои баъдӣ «Соро компания» боз ҳисобро баробар кард, ки Муҳаммадҷон Шарифов гол зад. Футзалбозони «Истиқлол» бист сония қабл аз анҷоми вохӯрӣ голи ғалабаоварро заданд. Раҳмоналӣ Шарифов буд, ки пирӯзии дастаашро таъмин кард.

Ҳамин тавр, дастаи «Истиқлол» ғолиби Суперлигаи футзали Тоҷикистон-2023 шуд. Медалҳои нуқраро бозигарони «Соро компания» соҳиб шуданд. Навдастаи «Амонатбонк» барандаи медали биринҷии чемпионат гардид.

КУШТӢ

# НИШОНҲОИ БИРИНҶИИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК АЗ ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОНИИ КУРАШ

**Аз 23 то 28-уми ноябр дар шаҳри Ашқободи кишвари Туркманистон Чемпионати ҷаҳонии кураш-2023 баргузор шуд, ки дар он 400 варзишгар аз 57 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла 7 паҳлавон аз Тоҷикистон низ ширкат карданд.**



Рақобатҳо дар 14 вазн (7 вазн миёни мардон ва 7 вазн миёни бонувон) баргузор шуданд. Тоҷикистонро дар ин мусобиқа Муслимбек Каримов (-60 кг), Ҳайрандеш Муродзода (-66 кг), Наврӯзи Каримзод (-73 кг), Мирзоҷамил Рамазонов (-81 кг), Ҳақназар Назаров (-90 кг), Фирдавс Насимов (-100 кг) ва Хуршед Маҷидов (+100 кг) намояндагӣ карданд.

Фирдавс Насимов дар вазни 100 кг, Хуршед Маҷидов дар вазни аз 100 кг боло, Муслимбек Каримов дар вазни то 60 кг ва Ҳайрандеш Муродзода дар вазни то 66 кг ба гирифтани нишони биринҷӣ даст ёфтанд.

Наврӯзи Каримзод (-73 кг), Мирзоҷамил Рамазонов (-81 кг) ва Ҳақназар Назаров (-90 кг) бидуни натиҷа мусобиқаро ба анҷом расониданд.

ФУТБОЛ

# “ИСТИҚЛОЛ” АЗ ГУРӮҲ НАБАРОМАД

**Дастаи футболи “Истиқлол”-и Тоҷикистон дар доираи даври 5-уми Лигаи қаҳрамонҳои Осиё бозиро бо дастаи “Ад-Духайл”-и Қатар бо ҳисоби 2 бар 0 бохт ва имконияти баромад аз гурӯҳро аз даст дод.**



Бозӣ 27-уми ноябр дар шаҳри Давҳаи давлати Қатар баргузор шуд.

Ду голи беҷавоби “Ад-Духайл”-ро ба дарвозаи бошгоҳи душанбегӣ Михаел Олунга дар дақиқаҳои 47 ва 89-уми дидор ба номи худ сабт кард.

Игор Черевченко - сармураббии дастаи “Истиқлол”-и Душанбе дар бораи вохӯрӣ чунин қайд кард: “Дар натиҷаи хатоҳои кӯдакона ва такрори он мо ду голи шабеҳро ба дарвоза сар додем. Дар робита ба фидокории бачаҳо, ман шикоят надорам. Дар вохӯрӣ мо низ фурсатҳои хуби голзанӣ доштем. Аммо, мутаассифона, онҳоро истифода карда натавонистем”.

Баъди ин бохт “Истиқлол” имкони баромадан аз гурӯҳро аз даст дод. Дастаи “Ад-Духайл” ҳам наметавонад аз гурӯҳ бароядад, зеро дар бозии дигари ин гурӯҳ ду даста мусовӣ карданд.

Дастаи “Персеполис”-и Эрон бо “Ан-Наср”-и Арабистони Саудӣ дар Теҳрон бозӣ кард. Ягон даста ба задани гол муваффақ нашуд ва бозӣ бо ҳисоби 0:0 поён ёфт.

Ҳамин тавр, айни ҳол дастаи “Ан-Наср” 13 хол, “Персеполис” 8 хол, “Ад-Духайл” 4 ва “Истиқлол” 2 хол доранд.

Дар даври охир дастаи “Истиқлол” дар майдони худ бо “Ан-Наср” ва “Персеполис” дар Теҳрон бо “Ад-Духайл” бозӣ хоҳанд кард. Ин бозӣ рӯзи 5-уми декабр дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Душанбе баргузор мешавад.

ФУТБОЛ

# ҲАРИФОНИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН МАЪЛУМ ШУДАНД

**Дар асоси натиҷаҳои қуръакашии марҳилаи ниҳоии Ҷоми Осиё-2024 тими олимпии зери 23-солаи Тоҷикистон дар гурӯҳи «С» қарор гирифт. Ҷавонони Тоҷикистон бо ҳамсолонашон аз Арабистони Саудӣ, Ироқ ва Таиланд дар як гурӯҳ бозӣ хоҳанд кард.**




Дар чараёни қуръакашӣ, ки рӯзи 23-юми ноябр дар Давҳа анҷом шуд, шонздаҳдастаӣ ба чор гурӯҳ тақсим шуданд, ки ҳар кадом аз чор даста иборатанд. Пас аз поёни даври гурӯҳӣ ду тими бартари ҳар гурӯҳ дар марҳалаи чорякниҳоӣ ба рақобат идома хоҳанд дод. Дар сурати баромадан аз гурӯҳ тими миллии зери 23-солаи Тоҷикистон дар марҳалаи чорякниҳоӣ бо яке аз тимҳои гурӯҳи "D" Ӯзбекистон, Ветнам, Кувайт ё Малайзия бозӣ хоҳад кард.

Шашумин давраи мусобиқоти Ҷоми Осиё дар байни тимҳои миллии зери 23-сола аз 15-уми апрел то 3-юми майи соли оянда дар Қатар баргузор мешавад.

РЕЗААХБОР

Варзишгари тоҷик Акмал Қодиров дар мусобиқаи Ҷоми армрестлинги Осиё ҷойи якумро ба даст оварда, сазовори нишони тилло гардид. Мусобиқа аз 17 то 25-уми ноябр дар шаҳри Самарқанд баргузор шуд. Мусобиқа байни ҷавонон ва калонсолони маъюб доир шуда, варзишгари тоҷик Акмал Қодиров дар вазни +90 кг ҳарифони худро мағлуб кард.

***

Муштзани маъруфи тоҷик Муҳаммад Ёқубов довталаби унвони қаҳрамони ҷаҳон аз рӯи фарзияи WBC шуд. Ҳама ба шарофати пирӯзӣ бар Пабло Висентеи кубагӣ, ки муборизa бо ӯ дар Лас Вегас баргузор шуд, ба даст омад. Акнун муштзани Тоҷикистон бо О'Шейки Фостери амрикоӣ муборизa хоҳад бурд.



***

10 даста пеш аз мухлат роҳхати даври плей-оффи Лигаи чемпионҳои футболи Аврупоро соҳиб шуданд. Дастаҳои “Манчестер Сити”, “Лейптсиг”, “Байерн”, “Реал Мадрид”, “Реал Сосиедад”, “Интер”, “Боруссияи Дортмунд", “Латсио”, “Барселона” ва “Атлетико Мадрид” ба даври плей-офф роҳ ёфтанд. 6 дастаи дигар дар бозиҳои даври охир, ки рӯзҳои 13-ум ва 14-уми декабр баргузор мешаванд, муайян хоҳанд шуд.

***

Клуби футболи «Равшан»-и Кӯлоб, ки дар Лигаи олии футболи Тоҷикистон бозӣ мекунад, тасмим гирифтааст мавсими навро бо рамз ё логои нав шуруъ кунад. Ҳоло роҳбарияти ин даста рамзи навро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба иштирок гузошта, аз фикри мухлисон пурсон шудааст. Баъзеҳо онро дастгирӣ, аммо баъзеи дигар комилан рад кардаанд.



### РОНАНДА МИЗОҶРО ҲАҚОРАТ КАРДУ БЕКОР МОНД

**Рӯзи 26-уми ноябри соли 2023 дар шабакаҳои иҷтимоӣ видеои дағалрафтории як ронандаи “Рахш Такси” нашр шуд. Ба гуфтаи муаллифи видео, дар назди бозори “Меҳргон” ронандаи солхӯрдаи таксие, ки ӯ манъ кард, бо баҳонаи он ки ӯ бо худ бор дорад, гуфтааст, “ман туро намебарам”.**

Муштарӣ аз ронанда пурсидааст, ки “барои чӣ намебаред? Ман аз шумо шикоят мекунам ба ширкататон". Аммо ронанда посухаш додааст, ки ҳам ӯро ва ҳам ширкаташро фалон мекунад. Вокуниши мақомот ба ин навор дер давом накард. Муассисаи давлатии коммуналии “Душанбенақлиётхадаматрасон” шоми 27-уми ноябр хабар дод, ки “шартномаи хизматрасонӣ аз ҷониби ҶДММ "Сайёҳон" (Рахш Такси - 33 33) бо ронанда Маҳмаднуров Зариф Абдулҳакимович, санаи таваллудаш 10.03.1960, яктарафа қатъ гардида, рақами давлатии воситаи нақлиёт барои аз қайди ҷамъият баровардан гирифта шуд”. Ҳамчунин, ин ронанда ба андозаи 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне 680 сомонӣ ҷарима шуд.

### ҲАБСИ ДОМОДУ АРӮС БАРОИ ТИРПАРРОНӢ

**Дар пайи тирпарронӣ дар тӯйи домодию арӯсии зодагони Тоҷикистон дар шаҳри Пушкинои вилояти Маскав 10 нафар, бо шумули домоду арӯс, боздошт шуда, Додгоҳи шаҳри Пушкино ахиран се нафари онҳо, аз ҷумла домодро барои ду моҳ ба ҳабси пешакӣ гирифт.**

7 дастгиршудаи дигар, аз ҷумла арӯс ҳамчун шоҳид мегузаранд. Дар робита ба ин тирпарронӣ, ки рӯзи 10-уми ноябри соли 2023 дар чараёни тӯй сурат гирифт, бар асоси қисми дуюми моддаи 213 Кодекси ҷиноятии Русия бо иттиҳоми авбошии гурӯҳӣ бо истифода аз силоҳ парвандаи ҷиноятӣ кушодаанд. Ин банди қонун ҳамчун ҷазо аз ҷарима то 7 соли зиндонро пешбинӣ мекунад.



# ПАРВАНДАИ ҲАЗОРОН МАНСАБДОР

## Шарҳи Прокуратураи генералӣ

**Прокуратураи генералии Тоҷикистон хабар дод, ки тайи се соли охири 2020-2022 ва нимаи аввали соли 2023 танҳо барои вайрон кардани тартиби қонунии тақсими замин ба унвони шахсони мансабдор 8435 амр ва 4149 пешниҳод баровардa, ба қарорҳои ғайриқонунии раисони шаҳру ноҳияҳо 4066 эътироз овардаанд.**



Дар ин муддат, бино ба иттилои ин ниҳод, 3 ҳазору 864 мансабдор ба ҷавобгарии интизомӣ ва 16 ҳазору 716 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, дар умум дар робита ба қазияҳои заминфурӯшӣ 3 ҳазору 696 парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуда ва 49 ҳазору 151,72 гектар заминҳои худсарона ишғолшуда ва ғайриқонунӣ додашуда ба ҳолати аввала баргардонида шудаанд.

Ин арқом рӯзи 24-уми ноябри соли 2023 дар маҷлиси васеи ҳайати мушовараи Прокуратураи генералӣ садо дод.

# ДАСТГИР ШУДАНИ 5 ЗЕРДАСТИ НАРКОБАРОНИ ТОҶИК “РОМА БОСС” ДАР АБХОЗИСТОН



**ВКД-и ҷумҳурии ҷудоиталаби Абхозистон (Абхазия) дар рӯзҳои охир аз боздошти чор зодаи Тоҷикистон ва як ҷавонзани рус дар шаҳрҳои Сухуми ва Питсунда бо ҷурми қочоқу фурӯши маводи мухаддир хабар дод. Ҳамаи онҳо барои як наркобарони тоҷикистонӣ бо лақаби “Рома Босс” кор мекардаанд.**

Рӯзи 21-уми ноябри соли 2023 дар шаҳри Сухуми сокини Тоҷикистон Бобоназаров Шуҳрат Комилович, с.т. 2000-ро дастгир ва аз вай 17 баста маводи мухаддири навъи метадонро пайдо кардаанд. Бобоназаров баёнот дод, ки барои наркобароне бо лақаби “Рома Босс” кор мекард ва маводи мухаддирро аз шаҳри Краснодари Русия гирифта, ба Сухуми меовард ва дар суроғаҳое, ки нишон дода буданд, пинҳон мекард.

Рӯзи 25-уми ноябр Апсуа ТВ, шабакаи расмии ТВ Абхозистон аз боздошти ду шаҳрванди Тоҷикистон ва як зани шаҳрванди Русия хабар дод. Бар асоси маводи парванда, Исоев Хусрав Умаралиевич, с.т. 1998, тибқи маслиҳати пешакӣ бо Сафаров Наврӯзҷон Сафарович, с.т. 1994 ва шаҳрванди Русия Мавсумова Ангелина Владимировна, с.т. 2000, бо супориши ҳамон наркобарон бо лақаби “Рома Босс” маводи мухаддир оварда, дар пинҳонгоҳҳо дар шаҳри Питсунда пинҳон мекарданд. Ангелина Мавсума дар баёноташ гуфт: “Мо бояд барои ҳар закладка 2 ҳазор рубл мегирифтем. Мо маводи мухаддирро дар пинҳонгоҳҳо гузошта, сипас координатаҳояшро бо Ватсап ба нафаре мефиристодем, ки ман шахсан ӯро намешиносам, Хусрав Исоев ӯро мешинохт. Ин одам дар телефонҳои мо бо номи “Рома Босс” сабт шуда, рақамаш аз Тоҷикистон аст”.

# ФОҶЕА ДАР ФАЙЗОБОД

**Як марди 39-солаи сокини ноҳияи Файзобод баъди 7 моҳи кушта шудани як зани низ 39-солаи сокини ҳамин ноҳия ба даст доштан дар қатли бераҳмонаи ин зан айбдор шудааст.**



Бино ба фарзияи ВКД ҳодиса чунин рух додааст: “Номбурда 24-уми апрели соли 2023, тахминан соати 16:40, дар заминҳои деҳаи Ситораи ноҳияи Файзобод ҳамроҳи зани 39-солаи сокини ноҳияи мазкур як зарфи пур аз машруботро нӯшидаанд ва зани 39-соларо хоб бурдааст. Гумонбаршаванда аз хоб будани ҷабрдида истифода бурда, ҳамёни ӯро кушода, маблағҳои пулиро дида, дасту пояшро бо селофани полиэтиленӣ бастааст. Сипас, селофани дигарро ба сараш кашида, ҳамзамон бо дастонаш гулӯяшро бӯғӣ карда, қасдан ӯро аз ҳаёт маҳрум сохтааст”. Баъди куштани зан, гумонбаршаванда ҷасади марҳумро ба дохили ғор партофта, маблағи 15 ҳазор сомонӣ ва 1 адад телефони мобилии тамғаи “Самсунг Галакси”-и ӯро тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст.

ВКД гуфт, гумонбаршаванда қаблан бар асоси моддаи 385 Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон бо ҷурми аз сабаби тарсончакӣ ё беҷуръатӣ бо ихтиёри худ таслим шудан ба асирӣ ва бар асоси моддаи 228 Кодекси ҷиноятии Русия бо ҷурми қочоқи маводи мухаддир зиндонӣ шудааст.

### ПАРВАНДАИ “ДИЛШОДИ КРАСАВЧИК” БА СУД РАФТ

**Парвандаи ҷиноятӣ нисбати Дилшод Саидмуродов (“Дилшоди красавчик” ё Дилшоди “СБ”) бо 13 гумонбаршавандаи дигар дар рабуда ва куштани Шуҳрат Исматуллоев, муовини роҳбари “Ориёнбонк” барои баррасӣ ба Додгоҳи олии Тоҷикистон ирсол шудааст. Дар ин бора Прокуратураи генералии Тоҷикистон хабар дод.**



Ин ниҳод Дилшод Саидмуродовро ҳамчун “роҳбари гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ” ном бурда, гуфтааст, ӯ дастгир карда шудааст.

“Пас аз тафтиши пурра ва холисонаи ҳолати кор парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба 14 нафар айбдоршаванда, аз ҷумла Саидмуродов Д. Ҳ. санаи 18.11.2023 бо тасдиқи фикри айбдоркунӣ барои моҳиятан баррасӣ намудан ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд”,- омадааст дар посухи Прокуратураи генералӣ.

### БОЗ ЯК ҚУРБОНИИ ҶАНГРО БА ВАТАН ОВАРДАНД



**Субҳи 24-уми ноябр ҷасади боз як қурбонии ҷанги Русияву Украина - Қаноатов Субҳиддин Иноятович аз Русия ба Тоҷикистон оварда шуд.**

Субҳиддин Иноятович 12-уми апрели соли 1981 дар деҳаи Артуҷи шаҳри Панҷакент ба дунё омада, зиёда аз 20 сол боз дар Федератсияи Русия кору фаъолият дошт ва шаҳрвандии ин кишварро қабул карда буд. Ӯро охири моҳи август ба сафи артиш ҷалб карда, нимаҳои моҳи октябр ба ҷанги Украина ба вилояти Харков фиристоданд. Ӯ разведкачӣ буда, ҳамроҳи як гурӯҳи 28-нафара дар сафи пеши ҷанг қарор доштааст. Субҳи 3-юми ноябр гурӯҳи онҳо дар ноҳияи Изюмовский дар деҳаи Першотравнево мавриди ҳамлаи дронҳо қарор мегирад ва ҳамаи 28 нафар кушта мешаванд.

Аз ӯ чор фарзанд, 2 писар ва 2 духтар боқӣ мондааст, ки калонӣ 11-сола буда, хурдӣ ҳамагӣ 4-моҳа аст.

**Холиқназар ҶУМЪАЕВ**



# СУЛФАИ КӮДАКОН

## Сабабҳои пайдоиш ва роҳҳои пешгирии он

**Зимистон, ки сар шуд, мушкили модарон афзун мегардад, зеро кӯдакон тез-тез бемор шуда, табашон баланд мешавад, месулфанд, инҷиқӣ карда, хӯрок намехӯранд, дуруст хоб намераванд ва гиря мекунанд. Аксари волидон сулфаю табби кӯдакро нишонаи шамолхӯрӣ ва зуком пиндошта, мустақилона бо дорую давоҳои оддии зидди грип фарзанди худро табобат кардан мехоҳанд, вале сулфа метавонад нишонаи бемориҳои ҷиддие бошад, ки дар сурати табобати нодуруст оқибатҳои нохушро ба бор оварда метавонанд.**

### Сулфа нишонаи чист?

**Зуком ва ОРВИ** - кӯдак месулфад, атса мезанад, биниаш маҳкам аст, гулӯяш дард мекунад, аз чашмаконаш об мешорад ва табаш аз 37 то 39 дараҷа баланд мешавад.

**Бронхит** - кӯдак бо шиддат месулфад, нафасгириаш душвор шуда, бисёр арақ мекунад, табаш хеле баланд шуда, ба зудӣ намефарояд. Ин беморӣ кӯдакро камҳол ва беҳаракат мекунад.

**Астма** - кӯдак хеле сахт месулфад ва чунон ба назар мерасад, ки ҳаво барояш камӣ карда, нафасгир шуда истодааст. Вақти нафаскашӣ аз садои хоси ба ҳуштак монанд мебарорад.

**Пневмания** - сулфаи балғамдор, дард кардани қафаси сина ҳангоми нафаскашӣ. Кӯдак камҳаракат шуда, нафасгириаш торафт душвортар мегардад. Таби тифл то 38-40 дараҷа баланд мешавад.

**Круп** - Кӯдак пух-пухкунон месулфад ва тез-тезу чуқур-чуқур нафас кашида, як садои ҳуштакмонанд мебарорад. Овозаш гирифта, хиррос мезанад. Табаш гоҳ баланд шуда, гоҳ мефарояд. Дар ин ҳолат кӯдакро фавран ба беморхонаи касалиҳои сироятӣ бурдан лозим аст, чунки круп бисёр бемории хатарнок буда, дар сурати бепарвоӣ метавонад боиси нафасгир шудан ва ҳатто марги кӯдак гардад.

**Коклюш** - Сулфаи хушк бо садои ҳуштакмонанд, обравӣ аз бинӣ, дилбехузурӣ ва сурх шудани рӯйи кӯдак. Маъмулан таби тифли ба коклюш гирифтор то 37-37, 6 дараҷа баланд мешавад.

**Туберкулёз** - сулфаи хушки доимӣ ва пуршиддат, суст, камҳаракат ва хоболуд шудани тифл. Кӯдаке, ки ба туберкулёз гирифтор шудааст, бисёр инҷиқӣ карда, табаш то 37,5—38 дараҷа баланд мешавад.

Тавре ки мебинед, бемориҳое, ки номбар кардем, нишонаҳояшон ба ҳамдигар монандӣ доранд, бинобар ин, агар сулфа дар муддати як ҳафтаи табобат бо доруҳои маъмулии зидди балғам ва сулфа гум нашавад, ҳатман кӯдакро ба духтур бурда, аз ташхис гузаронед.

### Дар хона чи бояд кард?

Кӯдаки ба сулфа гирифтор шуда, аз сесола зиёд бошад ва табиб ягон бемории ҷиддиро дар ӯ наёфта, дар хона табобат гирифтан фармояд, речаи бистариро риоя кардан лозим аст. Шумо бояд ҳавои хонаеро, ки тифл мехобад, тез-тез тоза карда, ба кӯдак зуд-зуд об диҳед.

Кӯдак ба сулфаи хушк гирифтор бошад, ширро бо асал ҷӯшонда хӯронед. Оби минералии бе газ низ фоида дорад. Аз ҳама муҳимаш кӯшиш кунед, ки кӯдак озодона нафас кашида тавонад. Барои он ки бинии кӯдак маҳкам нашавад, биничаашро бо маҳлули намакоб (солевой раствор) шустан лозим аст.

Фарзандатон аз сесола хурд, масалан яксола ё якунимсола бошад, танҳо ҳамон доруҳоеро ба тифл диҳед, ки духтур фармудааст. Ба саломатии кӯдак диққати махсус додан лозим аст. Дар рафти таббат ҳоли кӯдак ва ҷойи рӯз то рӯз беҳтар шудан, баръакс бадтар шуда, табаш баланд шавад, дубора ӯро ба назди духтур баред ё мошини “Ёрии таъҷилӣ”- ро даъват намоед.

# ЧОЙИ КАБУД

## умри одамро дароз мекунад!



**Олимони Швейтсария исбот кардаанд, ки ҷойи кабуд ба саломатӣ фоидаи бисёре дошта, умри инсонро дароз мекунад.**

Ин мардони донишманд таъкид мекунанд, ки минбаъд чойи сиёҳро камтар нӯшида, бештар ташнагии худро бо чойи кабуд шиканем.

“Таъсири чойи кабуд ба организм ончуноне ки мо тасаввур мекардем, набудааст,-мегӯянд донишмандон аз Институти технологии Сюрих.

Ба гуфти олимон чойи кабуд дар таркибаш “Катехин” дорад, ки раванди пиршавиро суст карда, ба клеткаҳои ДНК имкон намедиҳад, ки нодуруст афзоиш ёбанд.

Яке аз олимон бо номи Ристоу тавсия додааст, ки зиёдтар чойи кабуд бинӯшем, зеро чойи сиёҳ проксидантҳои фоиданоки организмро вайрон мекунад.

Олимон ба хулосае омадаанд, ки нисбат ба чойи сиёҳ чойи кабуд манфиатовар буда, ба ҷавон мондани организм мусоидат мекунад.

# Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

*Давоми ҳафта босабру нармгуфтор бошед, аз моҷарову муноқиша худдорӣ намоед. Андешаи он ки атрофиён озодиятонро маҳдуд кардан мехоҳанд, ғалат аст. Хурӯҷи бемориҳои музмин бо сабаби фориғболии худатон сар мезанад.*



**Савр**
**21.04 - 21.05**

*Азбаски одати гузашт кардан надоред, бо якравии худ атрофиёнро ба шӯр меоред. Мушкилиҳои ҷиддии кориро рӯзҳои душанбеву сешанбе ҳал накунед. Ба рӯбучини пурраи хона ва корҳои таъмирӣ низ машғул нашавед, беҳтараш вақти холиятонро бо истироҳат гузаронед.*



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

*Аввали ҳафта пули калон сарф мекунед. Нимаи дуюми ҳафта вазъият рӯ ба беҳбудӣ меорад. Қобилиятҳои кориятон паст гашта, дар ҷои кор дучори мушкилоти зиёд мегардед. Вақте расидааст, ки истироҳат намуда, саломатиро барқарор созед.*



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

*Дар ин ҳафта аз касе дастгириву кумакро интизор нашавед. Мушкилиҳои ба саратон омадаро мустақилона рафъ карданатон лозим меояд. Вақти бештари худро ба наздикон ва шахси дӯстдоштаатон бахшида, табъатон болида мегардад.*



**Асад**
**23.07 - 22.08**

*Давоми ҳафта сари қарори муҳиме омадану бо касе муноқиша карданро маслиҳат намедиҳем. Дар ҳама кор бодиққат бошед, хатари ба ғалат роҳ доданy баъдан ҳама корро аз нав оғоз карданатон эҳтимол дорад. Бо ҳар нафари ношинос дарди дил накунед.*



**Сумбула**
**23.08 - 22.09**

*Ҳафтаи хубест барои мулоқоти ошиқона ва воҳӯрӣ бо дӯстон. Вақтҳои охир мушкилоти оилавӣ шуморо сахт ба изтироб оварда буд, вақте расидааст, ки аз пайи дигар корҳоятон шавед. Дар сафарҳо ба шарте пул кор карда метавонед, ки танбалӣ накунед.*



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

*Аввали ҳафта мулоқоти ошиқонаро ба нақша нагиред. Вазъият дар лаҳзаи охир тағйир ёфта, дар ҳолати ногувор мемонед. Азбаски шумо табиатан ба ақидаи дигарон гӯш дода, амал мекунед, вақте расидааст, ки мустақил бошед. Ҷиҳози худ ва ҳамёнатонро эҳтиёт кунед.*



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

*Кору ташвиши зиёд шуморо хаста мегардонад. Бештар истироҳат намоед, нимаи дуюми ҳафта барои пешгирӣ намудани бемориҳо ва гирифтани махси бадан созгор аст. Ҳамкорон дар рӯятон механданду дар пуштатон ғайбат мекунанд.*



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

*Аввали ҳафта хастагии руҳӣ шуморо бемадор месозад. Аз истеъмоли ғизои равғанин ва тунду шӯр худдорӣ намоед. Вақте расидааст, ки бо истеъмоли витамину меваҳо неруи худро барқарор созед. Зиёд бо мушкилоти шахсӣ машғул шуда, боиси ранҷиши наздикон мегардед.*



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

*Барои нафароне, ки бо тиҷорати шахсии худ машғул шудан мехоҳанд, ҳафтаи мусоид фаро мерасад. Ба баҳсу мунозираҳои пурмоҷаро роҳ надиҳед. Агар бо атрофиён муносибати хубро ба роҳ монед, ягон мушкилӣ пеш намеояд.*



**Далв**
**21.01 - 19.02**

*Одати ба кори дигарон бинӣ халониданро партоед, вагарна ба ҳолатҳои пурмоҷаро афтода, зарар мебинед. Ба касе панду насиҳат нахонед, вагарна ҳарфи гуфтаатонро бар зидди худатон истифода мебаранд. Нимаи дуюми ҳафта вазъият рӯ ба беҳбудӣ меорад.*



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

*Нимаи аввали ҳафта аз сафарҳо худдорӣ намоед. Барои воҳӯриву мулоқоти ошиқона ҳафтаи мусоид фаро мерасад. Рӯзи чоршанбе нафаре сабаби фишори руҳиятон мегардад. Эҳтимоли ба даст омадани даромади пулӣ вуҷуд дорад.*

# КНЯЗ ИГОРИ ТОҶИК

## Муваффақияти операсарои тоҷик Сайфулло Юсуф



**Хабари сазовор гардидани Сайфулло Юсуфов - Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, барандаи ҷоизаҳои озмунҳои байналмилалӣ ба иҷрои партияи Княз Голетский дар намоиши Театри опера ва балети шаҳри Самараи Федератсияи Россия маро хушнуду сарбаланд гардонид. Зеро, ба иҷрои яке аз партияҳои марказии операи А. Бородин “Княз Игор” пазируфта шудани овозхони маҳбуби мо бешак мояи ифтихор аст.**

Айни ҳол Сайфулло Юсуфов ягона овозхони санъати академии Тоҷикистон аст, ки берун аз ватан фаъолияти худро ба пуррагӣ идома дода истодааст. Тавассути ҳунари воло ва маҳорати олии иҷроии устодона ба ӯ муяссар гардид, ки ҳамчун устоди пешбари саҳна дар театри зикршуда мавқеи худро соҳиб шавад.

Мавсими дуюми театрист, ки ӯ дар ин боргоҳи санъати мусиқии касбӣ нақшҳо офарида, маҳбубият пайдо намуда, ба эҳтироми мутахассисону мунаққидони театршинос ноил гаштааст. Аз соли 2022 то ба ҳол ӯ партияҳои Ҷ. Скикки аз операи ҳамноми Ҷ. Россини, Доктор Спинолоччи ва Варлаам аз “Борис Годунов”-и М. Мусоргский, Оратор аз "Найи сеҳрнок”-и Мотсарт, Скарпиа аз “Тоска”-и Пуччини, Амонасро аз “Аида”-и Ҷ. Вердиро иҷро кардааст. Бояд зикр намоям, ки бештари ин партияҳо дар репертуари Сайфулло Юсуфов дар Театри давлатии академии опера ва балети Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ набуданд.

Дар театрҳои опера ва балет анъанаи хуби даъвати ҳунарпешагон барои иҷрои ин ё он партияҳо дар намоишҳои нақшавӣ, нахустнамоишҳо ва асарҳои озмунӣ роҳандозӣ мегардад. Сайфулло Юсуфов аз баракати ин ҳамбастагии эҷодию иҷроӣ дар Театри давлатии опера ва балети Озарбойҷон соли 2020 партияи Тониоро аз операи “Ширинкорон”-и Р. Леонковалло, соли 2016 дар Театри шаҳри Нижний Новгород Эскамилиоро аз “Кармен”-и Ҷ. Бизеро иҷро кардааст. Ҳамчунин бо даъвати ҳампешагони бурунмарзӣ Юсуфов С. Б. дар мавсими театрии солҳои 2015-16 дар Театри опера ва балети шаҳри Астрахани Федератсияи Россия партияҳои Тонио аз “Ширинкорон”, Граф ди Лунаро аз “Трубадур” ва Томскийро аз “Хонум ПИК” манзури алоқамандони ҳунари сарояндагии академӣ гардонидааст.



Бо шарофати соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кулли санъаткорони Тоҷикистон имконияти ниҳоят муфиди иштирок ва нерӯсанҷӣ дар ҷашнвораҳою озмунҳои минтақавию байналмилалӣ муяссар гардид. Юсуфов С. Б. яке аз фаъолтарин ва муваффақтарин овозхонҳои тоҷик аст, ки дар форумҳои бонуфузтарин ширкат намудаву пирӯз гаштааст. Ӯ Лауреати Озмуни минтақавии овозхонони операи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон дар Ашқободи Туркманистон (1991), Озмуни байналмилалии овозхонони операи кишварҳои Осиёи Миёна, Россия, Озарбойҷон ва Туркия дар Ашқободи Туркманистон (1995), Озмуни байналмилалии овозхонони опера ба номи Крушилнитская дар шаҳри Лвови Украина (2005) мебошад.

- **Соли 2003** дар қисмати фестивалии Озмуни байналмилалии овозхонони опера “Озмуни озмунҳо” (Конкурс конкурсов) дар шаҳри Саратови ФР иштирок намуда, арияи Онегинро аз операи “Евгений Онегин”-и П. Чайковский ва монологи Ягоро аз “Отелло”-и Ҷ. Верди иҷро кардааст.
- **Соли 2010** дар ҷашнвораи байналмилалии овозхонони опера дар шаҳри Порижи Фаронса иштирок намуда, монологи Яго аз операи “Отелло”-и Ҷ. Вердиро сароидааст.
- **Соли 2012** дар ҷашнвораи байналмилалии овозхонони опера дар шаҳри Красноярски Федератсияи Россия арияи Княз Игор аз операи “Княз Игор”-и А. Бородин ва куплети Эскамилйо аз операи “Кармен”-и Ҷ. Бизеро иҷро кардааст.
- **Соли 2013** дар чунин ҷашнвора дар Ҷумҳурии Туркия суруди “Муҳаббат”-и З. Шаҳидӣ, суруди Ҳоҷӣ аз опереттаи “Найрангҳои Майсара”-и С. Юдаков ва балладаи Томский аз операи “Хонум Пик”-и П. Чайковскийро манзур сохтааст.
- **Солҳои 2018 ва 2020** дар ҷашнвораи байналмилалии овозхонони опера ба номи Б. Минжилкиев дар шаҳри Бишкеки Қирғизистон нақши Граф ди Лунаро аз “Трубадур”, нақши Амонасроро аз “Аида” ва дар консерти хотимавӣ балладаи Томскийро аз “Хонум Пик” иҷро кардааст.
- **Соли 2021** дар ҷашнвораи байналмилалии овозхонони опера “Тошкент баҳори” нақши Скарпиоро аз “Тоска”-и Ҷ. Пуччини ва дар барномаи анҷомии фестивал куплети Эскамилио аз “Кармен”-и Ҷ. Бизеро иҷро кардааст.

Ин ҳама музаффариятҳои хунари иҷроӣ бо шарофати заҳматҳои зиёди ӯ ба даст омадаанд, ки заминаи онҳоро устоди зиндаёд - Ҳунарпешаи халқии Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳанифа Мавлонова поягузорӣ намудаву Сайфулло Юсуфов идома медиҳад. Ӯ дар тӯли фаъолияташ дар Театри давлатии академии опера ва балети Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ бо талошҳои пайваста бо иҷрои партияҳои хурду бузург аз соли 1992 то 2022 дар намоишҳои операвӣ ва опереттаҳои композиторони тоҷик, классикаи ҷаҳонӣ, аврупоӣ ва рус бештар партияҳои марказии баритониро бо сабки хосаи иҷроӣ манзури алоқамандони санъати мусиқии касбии саҳнавӣ гардонидааст: Шоҳ Исмоил аз “Шоҳ Исмоил”-и Т. Шаҳидӣ, Рустам аз “Рустам ва Суҳроб”-и Т. Сатторов, Наврӯзбек аз “Қишлоқи тиллоӣ”-и Д. Дӯстмуҳаммадов, Мансур аз “Комде ва Мадан”-и З. Шаҳидӣ, Акбар аз “Рӯдакӣ”-и Ш. Сайфиддинов, Шоҳ Алоуддавла ва Шоҳ Мамнуъ аз “Шайхурраис Ибни Сино”-и М. Бафоев, Бузургумед аз “Хусрав ва Ширин” ва Нур аз “Достони Нур”-и А. Мӯсозода, Хайём аз рок-операи “Чарх”-и А. Холиқов, Ҳоҷӣ Дарға аз опереттаи “Найрангҳои Майсара”-и С. Юдаков ва даҳҳои дигар.

Сайфулло Юсуфов ҳоло дар айни авҷи баланди камолоти ҳунари иҷроии устодона қарор дорад ва мо аз ӯ нусратҳои бештарро интизорему барояш комёбиҳои беназир таманно дорем.

**Зиё ОЛИМӢ,**
**Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Мавлуднома

**• 30 ДЕКАБР •**

**Муин Абдураҳмонов** (1933), 90-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Абдуқаюм Қодиров** (1923-1988), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Пирназар Юсуфов** (1933), 90-солагии зодрӯзи артисти сирк, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**• 1 ДЕКАБР •**

**Ғайбулло Қудратов** (1948), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Диловаршо Латифов** (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

**Ашӯрбой Мавлонов** (1908-1969), 115-солагии зодрӯзи кулолгар, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Гадойбой Собиров** (1928-1976), 95-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Рауф Ҳакимов** (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Платон Воронко** (1913-1992), 110-солагии зодрӯзи шоири украин, мутарҷими осори адибони муосири тоҷик.

**• 2 ДЕКАБР •**

**Самад Ғанӣ** (1908-1974), 115-солагии зодрӯзи драматург, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Шарофат Рашидова** (1948), 75-солагии зодрӯзи раққоса, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**• 3 ДЕКАБР •**

**Асалбек Назриев** (1948), 75-солагии зодрӯзи актёри театру кино, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Хайрӣ Усмонова** (1918), 105-солагии зодрӯзи актрисаи театр.

**• 4 ДЕКАБР •**

**Зоғ Раҷабов** (1923), 100-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**• 5 ДЕКАБР •**

**Хосият Бобоева** (1923), 100-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**Юсуф Қаюмов** (1918-1997), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Ҳабибулло Холҷӯраев** (1933), 90-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**• 6 ДЕКАБР •**

**Акрам Ғуломҷонов** (1933), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника, профессор.

**Азиз Салолов** (1948), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Дадаҷон Турсунов** (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Маҳмуд Чушкин** (1958-2009), 65-солагии зодрӯзи адиб

**Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,**
**кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

### Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Аттестати синфи 11 ба номи Шамсиев Алохиддин Камариддинович, ки санаи 1-уми июни соли 2016 аз ҷониби МТМУ №16-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ба номи Боймуродов Абдусалом Боймуродович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Яккачинор 32, ҳ. 1, ки санаи 25.05.1995 аз ҷониби КДФ "Бақайдгирии молу мулк"-и ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси ҶДММ "Умеди Сафия", РЯМ: 0710011739, РМА: 070018785, ки аз 06.02.2023 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳрасти 7М-427, кори меросии 57/2017с аз санаи 18.10.2017, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе ба номи Сангинова Анзурат бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Қазоқон-2, хонаи рақами 46 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ ва шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 6Д-34, ки аз 09.01.2003 дар Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсии ш. Душанбе ба номи Махсудов Ҳасан бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ, хонаи 59, ҳ. 45 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Васиятнома таҳти феҳрасти 13ғ-1215, ки аз 20.06.2020 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсии ш. Душанбе аз номи Махсудов Ҳасан ба номи Ҳасанов Қадриддин Алиевич тасдиқ карда шудааст, беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ ва шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 9Д-931, ки аз 06.10.1999 дар Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Бобоев Бахтиёр Наврузович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи 1-ум гузаргоҳи Шапкина, хонаи 110 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Патент ба номи Солиев Эркин Нарзуллоевич, РМА: 076154391, РЯМ: 0730193485, санаи таъсисёбӣ 07.09.2019, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 8Д-1828, ки аз 27.04.2004 дар Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе ба номи Қаюмова Муниса Анваровна, бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Испечак 1, М4, хонаи 7, квартираи 13 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 9Д-2849, ки аз 05.12.1990 дар Идораи нотариалии 1-уми ш. Душанбе ба номи Бабаева Галина Алимовна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Шевченко, хонаи 67/7 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 8Д-1139, ки аз 15.03.2003 дар Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе ба номи Уразов Нурмуҳамат Қобилович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Кл. Цеткина, хонаи 10, квартираи 67 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи ААИ UO4-011734 ба номи ҶДММ "Варзиш Мол", ки аз 01.09.2020 дар нозироти андози ноҳияи И.Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

►ҶДММ «Шамсу Қамар ЛТД», №0178652, РЯМ: 0110013310, РМА: 010087365 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►Кооперативи тиҷоратии "Мирзоулугбек", РЯМ: 0710005799, РМА: 070000144, аз санаи 30.06.2010 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешавад.

►ҶСП «Хоҷагии Деҳқонии Замини Экологӣ», №0298450, РЯМ: 0710011665, РМА: 070018717, фаъолияташро қатъ менамояд, ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешавад. Тел. 55-305-00-01

### JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Project Manager (Job ID: 14849/IPSA-10); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 8 December 2023 NY time.**
- **Trade Associate, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 14835/NPSA-7); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 8 December 2023 NY time.**
- **Value Chain Associate, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 14836/NPSA-7); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 8 December 2023 NY time.**
- **Project Manager, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 14881/NPSA-9); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 12 December 2023 NY time.**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs**

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**






# КРИШТИАНУ РОНАЛДУ

## Ситораи футболи ҷаҳон ба Тоҷикистон меояд

**ҲАФТАИ ОХИР САРУ САДО ДАР БОРАИ ОМАДАНИ СИТОРАИ ФУТБОЛИ ҶАҲОН КРИШТИАНУ РОНАЛДУ БА ТОҶИКИСТОН ЗИЁД ШУДААСТ. ОМАДАНИ ИН ФУТБОЛБОЗ БА КИШВАРИ МО ЧӢ ФОИДА ДОРАД? ДАР УМУМ Ӯ КИСТ ВА ЧАРО ТАВАҶҶУҲ БА ШАХСИЯТИ Ӯ ИН ҚАДАР ЗИЁД АСТ?**

### Натиҷаи қуръакашӣ

Дастаи "Истиқлол"-и Тоҷикистон дар қуръакашии Лигаи қаҳрамонҳои Осиё бо дастаи "Ал-Наср"-и Арабистони Саудӣ дар як гурӯҳ қарор гирифт ва ҳамакнун, Криштиану Роналдо, сардори ин дастаи арабӣ ба Тоҷикистон хоҳад омад.

Маросими қуръакашӣ 24-уми август, дар шаҳри Куала – Лумпури давлати Малайзия баргузор гардид.

Дар гурӯҳи Е якҷо бо "Истиқлол" ва "Ал-Наср" ҳамчунин, дастаҳои "Персаполис"-и Эрон ва "Ал-Духайл"-и Қатар низ шомил ҳастанд.

Даври аввали марҳилаи гурӯҳии бозиҳои Лигаи қаҳрамонҳои Осиё 19-уми сентябр оғоз гардида, то 13-уми декабр ба анҷом мерасад ва ғолибони гурӯҳ ба марҳилаи дигар роҳ меёбанд.

Дар ин марҳила дастаи "Истиқлол"-и Душанбе ду маротиба бо дастаи "Ал-Наср" – як маротиба дар сафар бозӣ кард. Маротибаи дуюм дар майдони худаш рақобат мекунад.

Оё ин гаронарзиштарин футбол дар таърихи Тоҷикистон аст?

Мулоқоти дуюми ин дастаҳо қарор аст 5-уми декабр дар Варзишгоҳи марказии Душанбе баргузор шавад. Ин гаронарзиштарин футбол дар таърихи Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст.

Нархномаи чиптаҳо бозӣ дар се категория пешкаш карда шуданд. Категорияи якум чиптаиҳои VIP мебошад,ки 3000 сомонӣ нархгузорӣ гардидааст.

Нархи чипта барои категорияи дуюм минбари асосӣ (бахшҳои 1.2.3.4) 300 сомониро ташкил медиҳад.Барои се минбари дигар (шимол, шарқ ва ҷануб) нархи ҳар чиптаи категорияи сеюм 100 сомонӣ муқаррар шудааст. Сабаби боловии нархи чиптаҳоро дар маҳдуд будани ҷои нишаст медонанд. Зеро майдони футболи кишвар 20 ҳазор ҷой барои тамошобинро дорад.

### Роналду ба Тоҷикистон меояд?

"Ан-Наср" барои бозикунони худ, аз ҷумла барои Криштиану Роналду чиҳати сафар ба Тоҷикистон виза дархост намуд. Криштиану Роналду ҳамчун шаҳрванди Португалия ҳуқуқи воридшавӣ ба Тоҷикистон бидуни раводидро барои 30 рӯз дорад.

Агар ҳамааш тибқи нақша сурат гирад ва ягон ҳодисаи ғайричашмдошт рух надиҳад, Роналду бояд ба Тоҷикистон ояд.

### Чашм ба роҳ

Омадани ин футболбоз ба Тоҷикистон дастоварди бузург дар футболи кишвар. Зеро ба воситаи ин ситора "бренд"-и ҷаҳонии футболи тоҷик шинохта мешавад.Чаро?

Зеро Криштиану Роналду яке аз ду бозигаре, ки дар ҳамаи шаш бозии марҳилаи гурӯҳии Лигаи Чемпионҳо гол мезанад.

Фаъолиятҳои ин қаҳрамон афсонавӣ аст. Варзишгар се маротиба аз рӯи ФИФА беҳтарин футболбози ҷаҳон эътироф шудааст. Ҳар касе, ки бозии Роналдуро дида бошад, бо ин баҳс намекунад: агар тӯб ба ӯ дода шавад, рақиб бояд голро интизор шавад.

Футболбози боистеъдод панҷ "Тӯби тиллоӣ" дорад. Се ҷоизаи «Тӯби тиллоӣ»-ро тибқи France Football, ки ӯ дар солҳои 2008, 2016, 2017 ба даст овардааст, инчунин ду «Тӯби тиллоии ФИФА» дар солҳои 2013 ва 2014 гирифтааст.

Инчунин дигар ҷоизаҳои муҳими Португалияро соҳиб гаштааст:«Бӯти тиллоӣ» (2008, 2011, 2014, 2015). Беҳтарин футболбози ҷаҳон аз рӯи ФИФА (2008, 2016, 2017). Беҳтарин ҳуҷумкунанда аз рӯи УЕФА (2008, 2017, 2018). Беҳтарин футболбози Аврупо аз рӯи УЕФА (2014, 2016, 2017). Беҳтарин футболбози португалӣ дар хориҷа (2007, 2008, 2009, 2011, 2012, 2013, 2015, 2016, 2017, 2018).

### Ин нобиға кӣ аст?

Криштиану Роналду футболбози касбии португалӣ аз Фуншал аст. Вай 5 феврали соли 1985 таваллуд шудааст. Соли 2023 38-сола шуд. Ӯ фарзанди чорум дар оилаи ошпаз Мария Долорес дос Сантос Авейро ва боғбон Хосе Динис Авейро аст.



Футболбоз як бародар Угу, хоҳарон бо номи Элма ва Лилиана Катя дорад.

Роналдо роҳи худро ба муваффақияти варзишӣ дар хаштсолагӣ оғоз кард. Падари ӯ, ки дар сохтани либоси футболи бошгоҳ барои тими Португалия Андоринҳа кӯмак кардааст, писари дӯстдоштаашро ба футбол овард. Аз машқҳои аввал маълум шуд, ки писарбача ваъдаи калон додааст.

Футболбози ҷавон дар «Спортинг» хуб баромад карда, диққати сармураббии «Ливерпуль»-ро ба худ кашид. Аммо бо назардошти он, ки Роналду ҳанӯз хеле ҷавон аст, онҳо тасмим гирифтанд, ки шартномаро имзо накунанд. Соли 2003 барои футболбоз тақдирсоз шуд, вакте ки ӯро сармураббии «Манчестер Юнайтед» пай бурд. Дар моҳи августи соли ҷорӣ, Роналду расман дар Олд Траффорд, варзишгоҳи футболи воқеъ дар Англия муаррифӣ шуд. Криштиану аввалин футболбози португалӣ шуд, ки ба тими Манчестер Юнайтед пайваст.

Аз бозиҳои аввал дар ҳаёти дастаи нав Роналду истеъдод нишон дода, исбот кард, ки сармураббӣ нисбат ба ӯ хато накардааст. Ҳамлагар голи аввалини худро дар ҳаёти «МЮ» тирамоҳи соли 2003 дар бозӣ бо Портсмут зад. Пас аз ду сол, дар бозӣ бо Мидлсбро маҳз ӯ голи 1000-солагии Манчестер Юнайтедро ба дарвозаи харифон фиристод. То соли 2008, Роналду на танҳо бозингари баландтарин дар даста, балки капитани он низ гардид.

Дар моҳи июни соли 2008 маълум шуд, ки футболбоз хоҳиши гузаштан ба Реал Мадрид дорад ва 6 июли соли 2009 дар бошгоҳи нав дар варзишгоҳи Сантяго Бернабеу муаррифии Криштиану баргузор шуВай нӯҳ мавсимро дар Реал Мадрид гузаронд ва мукофотҳои сершумори инфиродӣ гирифт. Соли 2018 футболбоз ба Ювентус гузашт ва дар он ҷо се сол бозӣ кард. Соли 2021 Роналду ба «Манчестер Юнайтед» баргашт.

Футболбоз дар Манчестер дер давом накард. Дар охири моҳи декабри соли 2022 ӯ бо бошгоҳи «Ан-Наср»-и Арабистони Саудӣ барои 2,5 сол шартнома баст.

### Маоши Криштиану Роналду

Роналду маоши баландтарин дар таърихи футболро гирифтааст - соле 200 миллион евро. Соли 2020, тибқи маълумоти Forbes, ӯ аввалин футболбози миллиардер шуд. Даромади Роналду на танҳо аз футбол ва шартномаҳои таблиғотӣ ба даст меояд. Криштиану ба тиҷорат машғул аст. Соли 2006 ӯ аввалин дӯкони либоси худро кушод, ки CR7 ном дорад. Баъдан, футболбоз як қатор либоси таг ва ҷӯроб, футболка ва пойафзоли олӣ таҳия карда, ҳатто атри худро баровардааст.

### Хайрияҳои Роналду

Дар кариераи худ футболбоз «бутса»-и тиллоии худро бо нархи 1,5 миллион доллар фурӯхта маблағи онро ба кӯдакони фаластинӣ хайрия кардааст. Инчунин ӯ 275 ҳазор евро барои табобати кӯдакон аз бемории саратон, 5 миллион фунт барои зарардидагони заминларзаи Непал, 8 миллион долларро ба ниёзмандони Туркия ва Сурия хайр кардааст. Ҳоло футболбоз дар ҳисоби худ 260 миллион доллар дорад.

### Падари 5 фарзанд

Писари нахустини ӯ Криштиану хурдӣ соли 2010 таваллуд шудааст. Имсол писарбача 12-сола мешавад, аммо ӯ аллакай бо академияи «Манчестер Юнайтед» шартнома баст. Ҳоло падар ва писар як клубро намояндагӣ мекунанд, аммо модарашон онҳоро дар трибуна дастгирӣ мекунад ё на, маълум нест. Номи зане, ки фарзанди нахустини Роналдуро ба дунё овардааст, маълум нест. Худи футболбоз исрор меварзад, ки сирро нигоҳ дорад. Ҳоло бошад Роналдо соҳиби панҷ фарзанд аст ва бо ҳамсараш Ҷорҷина зиндагӣ мекунад.

**Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА**

## Раҳмати Худо

Ба марде занг зада, мегӯянд:

- Занатро сел бурд.

Мард мегӯяд:

- Ман аз аввал медонистам, ки борон раҳмати Худост!

## Оила

Аз суҳбати ду рафиқ, ки яке муҷарраду дигаре оиладор аст. Марди муҷаррад мегӯяд:

- Оила - ин бандари оромест, ки дар он ду киштӣ ба ҳам меоянд.

Марди оиладор бо таассуф:

- Ин тавр бошад, ман чӣ гуна бо танкери ҳарбӣ вохӯрдаам, намедонам.

## Соат чанд шуд?

Духтари русе аз ҷавони дар дасташ соатдор мепурсад:

- Извините, который час?

Ҷавон ба соат нигариста, мебинад, ки 12:55 аст, вале бо сабаби забони русиро хуб надонистан, забон хоида, мегӯяд:

- Пять минут подождите, один будет...




## 5 дақиқаи хушбахтӣ

Ду марди нафақагир дар боғ нишастаанд, ки аз наздашон ҷавондухтаре мегузарад. Яке аз мардон бо чашми ҳавас:

- Кош, аз нав ҷавон мешудам!

Марди дигар:

- Ту ақлатро хӯрдаӣ магар? Барои 5 дақиқаи хушбахтӣ боз 40 соли дигар кори давлат кунем?

## Ғолибият

Баъд аз даври дуюми занозанӣ боксчӣ аз тренери худ мепурсад:

- Ба фикратон, ман ба рақибам ғолиб меоям?

Тренер дар ҷавоб:

- Албатта! Агар ту ҳамин тавр даст афшондан гирӣ, рақибат шамол хӯрда, билохира бемор мешавад.

## Дигар наметарсам

Марде занги дари ҳамсояро зер мекунад. Зане бо башараи хунук бепарвоёна дарро кушода, мардро дидан замон шарм дошта, мегӯяд:

- Бахшиш, ман гумон кардам шавҳарам бошад!

Мард дар ҷавоб мегӯяд:

- Ҳеҷ гап не, ман аз ин ҳам бадтарашро дидаам...

## Хушдоман

Ҷавон ба модараш мегӯяд:

- Оча, ин келинатон қаҳрамро оварда истодааст, ҳозир ӯро бо ҳамин картошка мезанам.

Модараш дар ҷавоб:

- Бачаҷон, одамро бо чизи хӯрданӣ намезананд, увол аст, мана бо ин чойник ӯро зан!

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

## Сканворд






## ЗК ё ЗПГ

Як рафиқи занкалонамон пурсид:

- Ака, ту ҳам ЗК-ӣ?

Гиребони куртаамро рост карда, бо фахр гуфтам:

- ЗК факат туӣ ва аз ту баринҳо худо паноҳамон диҳад. Ман ЗК не, ЗПГ ҳастам,

Ҳайрон шуда пурсид:

- Бо ЗПГ-яш чӣ будаст?

Хандидаму гуфтам:

- ЗПГ яъне, занакопослушный гражданин.

## Дуои бади замонавӣ

-Мехоҳам нафареро дуои бад кунам, аммо мулло нестаму ягон дуоро намедонам. Ту ба ман дуои бад карданро ёд медиҳӣ?, -пурсид нафаре аз Мундонӣ.

-Барои дуои бад кардан, шарт нест, ки мулло бошӣ, гуфт Мундонӣ. -Ба замона нигоҳ карда, аз сидқи дил дуо кун, мустаҷоб мешавад.

-Масалан, агар ту дуо карданӣ шавӣ, чӣ дуо мекунӣ?, -пурсид бо кунҷковӣ.

-Илоҳо ҳама суратҳосибҳои бонкиат баста шаванд, кортат блокировкаба афтад, водоканал оби хонаатро қатъ кунад, "Барқи тоҷик" симҳои барқатро буррад, дар вақти дар фейсбук буданат, интернет қатъ шавад, -мегӯям, -гуфт Мундонӣ.

-Ин дуои ту воқеан аз дуои кампирҳо ҳам бадтар будааст, -гуфт ӯ. -Дуо мекунам, ки асло мустаҷоб нашавад, ки аҳволи бечора бад мешавад.

## Ризқи муҳоҷир

Дар мавзӯи муҳоҷирати меҳнатӣ бо Фазлиддин Асозода баҳсе доштем. Ӯ ба муҳоҷират рафтани ҷавонони лаёқатмандро маҳкум карда, гуфт:

- Мегӯянд, ки ҳамин ризқ азалӣ аст ва насибаи ҳар банда аз рӯзи таваллуд барои ӯ ҷудо мешавад. Вале чаро аксари ҳамватанони мо барои дарёфти ризқ ба хориҷ аз кишвар мераванд? Намешавад, ки ҳамон ризқ ё насибаи худро дар ватани худ ёбанд?

Бо ҷиддият гуфтам:

- Не, намешавад!

- Чаро намешавад?,- бо кунҷковӣ пурсид.

- Чунки,- гуфтам бо ханда,- агар ризқи ҳамаро дар ватани худаш дода бошад, ризқи мо тоҷиконро дар ватани дигарон ҷудо кардааст.

- Ризқамонро низ чун худамон муҳоҷир офаридааст-ку!, -гуфт бо табассум

**Холиқназар ҶУМЪАЕВ**